*Сарои сулҳи мо шуд Қасри Арбоб,*
*Нигаҳбони вафо шуд Қасри Арбоб.*


Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №142-143 (2969-2970) | ДУШАНБЕ, 19 НОЯБРИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад


## Аз Қасри Арбоб то Қасри миллат



*«Ман ба ҳар яки Шумо дар давраи барои Ватан хеле душвор муроҷиат карда, ба ақлу заковати Шумо, ки ворисони фарзандони баруманди тоҷик ҳастед, бовар мекунам. Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми дониш у таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои гулгулшукуфии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам.*

*Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас, агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам, чунки ман баояндаи неки Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар дорам».*

(Аз Муроҷиатномаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ба халқи шарифи Тоҷикистон, рӯзномаи «Садои мардум», №224, 12 декабри соли 1992)



XX солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон



*Шондаҳуми ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоби шаҳри Хуҷанд Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор оғоз намуд. Дар ҷараёни ин Иҷлосия, ки то 2 декабри соли 1992 давом ёфт, депутатҳои Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти ҷомеаро мавриди баррасӣ қарор доданд ва Эмомалӣ Раҳмоновро ба вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карданд.*

## «САДОИ МАРДУМ» - инъикосгари Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ

**Рафти кори Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар воситаҳои ахбори омма ҳамаҷониба инъикос мегардид. Аз ҷумла ҳайати эҷодии рӯзномаи «Садои мардум» - нашрияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин кор саҳми муносибе гузоштааст.**

**Аз ибтидо то интиҳои Иҷлосия дар саҳифаҳои рӯзномаи «Садои мардум» таври муфассал маводҳо чоп мешуд. Кори ҳаррӯзаи Иҷлосия, баҳсу мунозираҳои вакилони халқ оид ба масъалаҳои муҳокимашаванда, қарору муроҷиатномаҳои Шӯрои Олӣ, фармонҳои Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар асноди расмӣ, ки дар ҷараёни Иҷлосия қабул гардида буданд, (дар рӯзнома) пурра нашр гардиданд.**

**Чанд маводи ҷолибро интихобан пешниҳоди хонандагон менамоем.**

**АРБОБ. ХУҶАНД.** Дар Қасри колхози ба номи Ӯрунхоҷаеви ноҳияи Хуҷанд Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз ёфт. 193 вакил номнавис шуд. Вакилони халқ муҳокимаро дароз накарда, барои ҳар чӣ зудтар баррасӣ кардани масъалаҳои рӯзнома комиссияи муросо интихоб намуданд. Ҷаласаи комиссия паси дарҳои баста мегузарад. Бо ҳамин танаффуси кори Иҷлосия эълон шуд.

*«Садои мардум». №213, 18 ноябри соли 1992.*

***

Пагоҳии 18 ноябр Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди танаффуси якрӯза аз нав давом кард. Маҷлис тахти раёсати Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон А.Искандаров мегузарад.

Дар маҷлиси 18 ноябр муҳокимаи масъалаҳое, ки ба рӯзномаи Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд, оғоз ёфт.

*«Садои мардум». №214, 20 ноябри соли 1992.*

***

Баъди танаффуси кӯтоҳмуддат –рӯзи 19 ноябр дар ҷаласа пешбарии номзадҳо ба вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сар шуд. Намояндаи халқ А.Мирзоев пешниҳод кард, ки раиси кумитаи иҷроияи вилояти Кӯлоб Эмомалӣ Раҳмонов номзади вазифаи Раиси Шӯрои Олӣ пешбарӣ карда шавад. Намояндаи халқ Ҳ.Ғафуров Иззатулло Ҳаёевро пешбарӣ кард, вале вай аҳволи саломатиашро сабаб нишон дода, аз номзадии худ даст кашид. Намояндаи халқ Қамбаров низ номзадии Эмомалӣ Раҳмоновро дастгирӣ кард.

Ҳамин тавр 186 намояндаи халқ ба тарафдории Эмомалӣ Раҳмонов ва 11 намояндаи халқ ба муқобили ӯ овоз доданд. Дар натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ Эмомалӣ Раҳмонов Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуд.

Вай дар ҳузури аъзои парлумон сухан карда, ба онҳо барои бовариашон миннатдорӣ изҳор намуд ва гуфт, ки натиҷаи овоздиҳӣ нишонаи ҳамфикрии аҳли Иҷлосия мебошад. Ман пеш аз ҳама барои мӯътадил гардидани вазъи ҷамъиятию сиёсии ҷумҳурӣ ва қатъи хунрезӣ тадбирҳо меҷӯям.

*«Садои мардум». №215, 24 ноябри соли 1992.*

(Идома дар саҳ. 2)

## Наҷотбахш

Дар натиҷаи пошхӯрии давлати абарқудрати Шӯравӣ дар баробари дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ 9 сентябри соли 1991 Тоҷикистон Истиқлолияти давлатии худро эълон намуд ва узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ – Созмони Милали Муттаҳид гардид.

Дере нагузашта мунокишаҳои сиёсӣ сар заданд, ки дар натиҷа ба кишвар хисороти зиёди ҷонӣ ва моддию маънавӣ ворид гардид.

Моҳи ноябри соли 1992 бо талоши фарзандони фарзонаи миллат ва бо даъвату дархости аксар сокинони кишвар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд баргузор шуд. Бо қарорҳои ин Иҷлосия барои барқарор намудани сохти конститутсионӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ замина гузошта шуд.

Дар ин солҳо Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ самтҳои гуногуни ҳаёти худро бо тарзу усулҳои ҳаёти кишварҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ ва ҳамзамон бо дарназардошти хусусиятҳои хоси миллӣ тарҳрезию роҳандозӣ намуд.

Дар ин давра ташаккули қонунгузорӣ боз ҳам ба сатҳи баланди инкишофи худ расида, барои ба таври амиқу дақиқ, доманадору густурда ва дар сатҳи меъёрҳои пазируфтаи умумибашарӣ танзим намудани муносиботи ҷамъиятӣ мусоидат намуд. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон далели равшани ин нукот буда метавонад. Дар баробари қабули қонунҳо аз тарафи давлат ба иҷро ва риояи дақиқи онҳо аҳамияти ҷиддӣ дода шуд, зеро яке аз сабабҳои мунокишаҳои сиёсии солҳои навади асри гузашта ин дағалона вайрон кардани талаботи қонунҳои онвақта буд.

Бо ин мақсад дар Тоҷикистон мақомоти судӣ, аз ҷумла Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоятӣ, шаҳрию ноҳиявӣ, инчунин судҳои ҳарбӣ ва дигар муассисаҳои дахлдори давлатӣ амал мекунанд, ки ҳуқуқу манфиатҳои инсон, давлат ва ташкилотҳоро, хоса амали бевоситаи Конститутсияи кишварро ҳимоя намуда, барои мустаҳкамии қонуният, таҳкими тартиботи ҷамъиятӣ ва пойдории кишвари Тоҷикистон саҳми босазо мегузоранд.

Татбиқи ҳамаҷонибаи қонунҳо ба фаъолияти босамари вазорату идораҳо ва азму иродаи мардуми кишвар сахт вобастагӣ дорад. Дар он рӯзҳои мудҳиш баъзе вазорату идораҳо кундфаъолиятӣ намуданд ва ҳатто бархе аз роҳбарону кормандони вазорату идораҳои алоҳида ба вазифаҳои муқаддаси худ хиёнат намуда, барои авҷ гирифтани бетартибиҳо боис гардиданд. Дар чунин шароит бисёр шаҳрвандон низ аз нофаҳмӣ ба гумроҳӣ афтида, ба аланга гирифтани оташи ҷанг мусоидат карданд.

Ҳамзамон худхоҳию мансабталошӣ, бефарҳангию бегонапарастии баъзе аз афроди ноогоҳ ва боло гирифтани ҳисси маҳалгаройӣ дар рӯ задани ин бадбахтӣ бетаъсир набуд.

Воқеан ҳам нақши Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мардуми тоҷик ва кишвари Тоҷикистон ниҳоят бузург аст, зеро бо шарофати ин Иҷлосия ҷанги шаҳрвандӣ қатъ гардид, гурезаҳо ба Ватан баргаштанд, сулҳу субот ва оромӣ, тартиботи ҳуқуқӣ дар кишвар барқарор гардид, фаъолияти бонизоми мақомоти давлатӣ ва ташкилоту идораҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, таъмин карда шуд ва барои аз парокандагӣ нигоҳ доштани мардуми тоҷик, аз нобудшавӣ эмин мондани давлати тоҷикон, барои устувор гардидани пояҳои давлату давлатдорӣ, якпорчагии кишвар ва ниҳоят рушду нумуи соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва дар арсаи ҷаҳон арзи ҳастӣ намудани Тоҷикистон заминаи воқеӣ фароҳам оварда шуд.

(Идома дар саҳ. 2)

Яке аз дастовардҳои хеле муҳим ва бузурги ҷомеаи мо дар бахши қонунгузорӣ, ки дар Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон матраҳ гардид, ин заминагузорӣ ба таҳия ва қабули Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад.

**Эмомалӣ РАҲМОН**

# Аз Қасри Арбоб то Қасри миллат







## ИҶЛОСИЯ дар масири таърих

*16 ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоби колхози ба номи Ӯрунхоҷаеви ноҳияи Хуҷанд Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз ёфт. Вакилони мардумӣ масъалаи ба эътидол овардани вазъи ҷумҳуриро баррасӣ карданд. Дар ҷаласаи рӯзи 19 ноябр баргузоршуда бо Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид. Ҷаласаҳои Иҷлосия 17 рӯз идома ёфта, бевақтии шаби 2 декабри соли 1992 анҷом ёфт.*

***

*6 ноябри соли 1994 тариқи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон қабул гардид ва дар ҳамин рӯз тариқи овоздиҳии умумихалқӣ Эмомалӣ Раҳмонов Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид.*

***

*10 майи соли 1995 аввалин пули миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон «рубл»-и тоҷикӣ ба муомилот бароварда шуд.*

***

*4 сентябри соли 1995 дар Тоҷикистон 680-солагии олим ва мутафаккири бузурги Шарқ Мир Саййд Алии Ҳамадонӣ ҷашн гирифта шуд.*

***

*9 октябри соли 1995 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ барои хоҷагиҳои ёрирасони шахсии шаҳрвандон 50 ҳазор гектар замин ҷудо карда шуд.*

***

*24 октябри соли 1995 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар маҷлиси махсуси ботантанаи Ассамблеяи генералӣ бахшида ба 50-солагии таъсиси Созмони Милали Муттаҳид суханронӣ кард.*

***

*22 январи соли 1996 дар таърихи саноати истихроҷи маъдани мамлакат дар Корхонаи тиллои тоҷик-Корхонаи муштараки Тоҷикистону Британияи Кабир «Зарафшон» собикаи аввалини тилло истеҳсол шуд.*

***

*6 апрели соли 1996 бори аввал баъди соҳибистиқлолӣ ба Тоҷикистон чор адад тепловози аввалини поезд оварда шуд.*

***

*11 сентябри соли 1996 ҷашни 675- солагии мутафаккири бузург Камоли Хуҷандӣ таҷлил карда шуд.*

***

*27 июни соли 1997, баъди воҳӯриву мулоқот ва гуфтушунидҳои зиёд дар Ҷумҳурии Исломии Эрон, Давлати Исломии Афғонистон ва Федератсияи Россия миёни намояндагони мақомоти давлатӣ ва ҳайати мухолифин, дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид.*

***

*30 июни соли 1997 Эмомалӣ Раҳмонов барои боздиди давлатӣ ба Арабистони Саудӣ сафар кард.*

***

*18 июли соли 1997 дар шаҳри Душанбе анҷумани таъсисотии Ҷунбиши Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов суханронӣ кард.*

***

*8 сентябри соли 1997 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов барои хизматҳои бузург ва фидокориҳо дар поягузории Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инкишофи тамаддун ва худшиносии миллӣ, фаъолияти хирадмандонаи давлатдорӣ, ба ду нафар фарзанди бошарафи халқи тоҷик - Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров унвони «Қаҳрамони Тоҷикистон» дода шуд.*

***

*1 декабри соли 1997 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов барои хоҷагии ёрирасони шахсии шаҳрвандон ҷиҳати зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 25 ҳазор гектар замин ҷудо гардид.*

***

*15 декабри соли 1997 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар шаҳри Теҳрони Ҷумҳурии Исломии Эрон дар мулоқоти 8-уми сарони кишварҳои Созмони конфронси исломӣ суханронӣ намуд.*

## «САДОИ МАРДУМ» - инъикосгари Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ

(Идома аз саҳ. 1)

***

Дар маҷлиси бегоҳии Иҷлосия 24 ноябр депутатҳо муҳокимаи лоиҳаи Қонуни «Нишони давлатӣ ва Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро идома доданд. Чунончӣ, аз ин пеш хабар дода шуда буд, дар ҷаласаи 21 ноябр ин масъала баррасӣ гардида буд. Он вақт муҳокима боиси баҳсу мунозираи ҳамаҷониба шуд. Иҷлосия, бо назардошти фикру мулоҳизаҳо ба комиссия супориш дод, ки намунаҳои пешниҳодшудаи Парчаму Нишони давлатӣ такмил дода шавад.

Депутатҳо баъди мубодилаи афкор дар бораи тасдиқи низомномаи Парчами давлатӣ ва Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро якдилона қабул карда, ба муносибати қабули рамзҳои нави давлатӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти дахлдор дохил намуданд.

***«Садои мардум». №216, 26 ноябри соли 1992.***

***

Дар изҳороти Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 ноябри соли 1992 қабул шудааст, аз ҷумла омадааст:

«Муҳимтарин дастоварди кори Иҷлосия тантанаи қонун аз болои қонуншиканӣ, бозгаштан ба роҳи конститутсионии ҳалли масъалаҳои тезутунди иҷтимоию сиёсӣ мебошад, ки ҷомеаро ба изтироб овардаанд.

Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо боварӣ изҳор мекунад, ки қарорҳои Иҷлосияи XVI –ро шаҳрвандони ҷумҳурӣ дастгирӣ менамоянд, дар сарзамини Тоҷикистон сулҳу оромӣ барқарор мегардад ва халқи Тоҷикистон бо мақсади сохтмони давлати демократии ҳуқуқбунёди дунявӣ ба меҳнати бунёдкорона оғоз мекунанд».

***«Садои мардум». №218, 28 ноябри соли 1992.***

***

Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум бевақтии шаби 2 декабр анҷом ёфт.

Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар суханони хотимавиаш намояндагони халқи Тоҷикистонро даъват кард, ки барои бас шудани ҷанги бародаркушӣ, муқаррар гардидани сулҳу ҳаёти осоиштаи миллату халқиятҳои ҷумҳурӣ тамоми ҷидду ҷаҳдашонро ба харҷ диҳанд. Ӯ изҳори умед кард, ки ақлу хирад ғолиб меояд ва дар шаҳру қишлоқҳои мамлакат сулҳ барқарор мегардад. Вай ҳамчунин ба намояндагони мамлакатҳои ИДМ, ки дар Иҷлосия иштирок доштанд, ба меҳнаткашони вилояти Ленинобод, мақомоти муҳофизи қонуну тартибот барои ташкили хуби кори бомуваффақияти Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон миннатдорӣ изҳор кард.

Бо ҳамин Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати 12-ум анҷом ёфт. Баъди хатми он Гимни давлатии мамлакат иҷро шуд.

***«Садои мардум». №223, 5 декабри соли 1992.***

***

Аз муроҷиатномаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ба халқи шарифи Тоҷикистон:

«Ман ба ҳар яки Шумо дар давраи барои Ватан хеле душвор муроҷиат карда, ба ақлу заковати Шумо, ки ворисони фарзандони баруманди тоҷик ҳастед, бовар мекунам. Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои гулгулшукуфии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам.

Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас, агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам, чунки ман ба ояндаи неки Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар дорам».

***«Садои мардум». №224, 12 декабри соли 1992.***

***Таҳияи Аъзам МӮСОЕВ, «Садои мардум»***

## Ҷаҳонбахш

(Идома аз саҳ. 1)

Бояд зикр кард, ки дар ин Иҷлосия, дар баромади аввалини худ ба ҳайси Сарвари кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари бисёр масоили мубрами онвақта ба се масъала диққати махсус доданд:

-қатъи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон;

-ба Ватан баргардонидани гурезаҳо;

-ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона арзи ҳастӣ кардани Тоҷикистон.

Пӯшида нест, ки ин мароми Роҳбари давлат он замон умеду орзуи тамоми мардуми Тоҷикистон буд ва хушбахтона, ҷомаи амал пӯшид. Яъне, Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сабабгори амалишавии ин мароми орзуҳои нек гардид. Албатта, қабули санад ё тарҳрезии як чорабинии хуб корест савоб, вале амалӣ гардидани онҳо боз ҳам хубтару савобтар аст. Маводи мавҷуда, ба вижа наворҳои мустанади телевизионӣ нишон доданд, ки барои амалӣ гаштани қарорҳои Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон на танҳо корҳои бузургро ба анҷом расонид, балки қаҳрамонӣ нишон дода, мардуму меҳанро аз гирдоби бало наҷот дод ва наҷотбахшу қаҳрамони барҳақи мардуми тоҷик гардид. Ҳатто то баргузории ин Иҷлосия, яъне то давраи оғози ин воқеаҳои хунбор ва дар ҷараёни он низ барои пешгирӣ ва хомӯш намудани оташи ҷанг ба




ҳайси вакили мардумӣ ва Раиси Кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи вилояти Кӯлоб кӯшишҳо ба харҷ додааст. Маводи бойгонӣ, ба вижа наворҳои ҳуҷҷатии телевизионӣ дар мавриди баромаду пешниҳодҳои мушаххасу муфиди муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон далели раднопазири ин гуфтаҳост.

Бо шарофати Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷумлаи меҳрубониҳои Худованд аст, имрӯз мардуми Тоҷикистон дар як давлати озоду обод, ором у осуда ва шоду хуррам зиндагӣ мекунанд. Мардуми тоҷикро зарур аст, ки бо сипосгузорӣ аз меҳрубонии Худованд ҳамзамон аз ин ҳаводиси таърих ва рӯзгор сабақ бигирад. Фирефтаи дасисаҳои бегонагон ва душманони мардуму кишвари тоҷик нашавад.

Бигзор ҳама вақт Тоҷикистон обод ва мардуми тоҷик шоду озод бошад!

*Зи адлат мардум ҳама хурсанд.*
*Зи ҳукмат бадон ҳама дар банд.*
*Раҳу рою пиндору гуфтори ту,*
*Ба сулҳу рушди кишвар тарҳ фиканд.*
*Душанбе шуд зебову хуррамбаҳор*
*Бадахшону Кӯлобу Рашту Хуҷанд.*
*Чарогон шуд дилу дидаҳо аз ин,*
*Зи сунъат мардум ҳама баҳраманд.*
*Ба дармонда дасти ту ба ёрӣ дароз,*
*Ҳабибӣ ба бечораву мустаманд.*
*Рафиқи шафиқӣ ба ҳар родмард,*
*Табибӣ ба ҳар ранҷуру дардманд.*
*Ба пайкор кардӣ дафъи бало аз халқ,*
*Зиҳӣ, эй шаҳи шердилу нерӯманд.*
*Ки корат сарорсар савоб асту бас,*
*Туро созад ба лутфи Ҳақ пайванд.*
*Ҷаҳон бишнохт бо кори некат туро,*
*Расид номи некат ба чархи баланд.*
*Туро бахт баланд чун парчами миллӣ,*
*Писандидаи мардумонӣ ҳамчун қанд.*
*Ҳар он ки нахоҳад туро шоду хуш,*
*Табаҳрӯз гардаду низору нажанд.*
*Ба саъйи ту шуд кушоиш ба кор,*
*Ки шодии даҳр туро бод ба каманд.*
*Пиёда бод адӯ дар корзори даҳр,*
*Туро зери по ҷавлон кунад саманд.*
*Гулафшону обод бод марзу бумат,*
*Ҳасудат шавад хору ту арҷманд.*
*Ҳар он коре кардӣ зи роҳи хирад,*
*Наёбад зи офоти гетӣ газанд.*

***Содиқи КАШРӮДӢ***

## Иҷлосияе, ки зуҳури демократияро дар Тоҷикистон асос гузошт,

**зеро он имконият фароҳам овард, ки гурӯҳҳои гуногуни сиёсӣ давлатро ҳамчун ниҳоди ягонаи танзимкунандаи ҷамъият ва таҳкимбахши сулҳу амният эътироф намоянд**

Бист сол муқаддам – дар айёме, ки масъалаи бақои давлату давлатдории тоҷикон ва ҳамчун миллати воҳид вуҷуд доштани миллати тоҷик зери хатар қарор дошт, дар Қасри Арбоб Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардида, самтҳои асосии таҳкими ваҳдати миллӣ ва давлатсозиву давлатдориро тарҳрезӣ намуд. Ҳоло агар рӯйдоду ҳодисоти солҳои аввали Истиқлолияти давлатии кишварамонро мавриди пажӯҳиш қарор диҳем, муътақид хоҳем гардид, ки таърихи навини кишвари мо маҳз аз ҳамин айём шурӯъ шуд, зеро он ба раванди таҳкими истиқлолият, барқароршавии сохти конститутсионӣ, ҳамдигарфаҳмиву ҳамдигарбахшӣ ва оштиву сарҷамъии миллати тоҷик заминаи мустаҳкам гузошт. Ҳамватанони азиз хуб дар хотир доранд, ки ин Иҷлосия дар замоне баргузор гардид, ки парокандагии сиёсӣ амиқ реша давонида, мардум паси сангарҳо тавассути силоҳ муносибаташонро бо ҳамдигар муайян менамуданд. Ҳар гурӯҳ мехост самти рушди ҷомеа тибқи ҳадафу манфиатҳои он пеш равад, зеро низоми идоракунӣ, фаъолияти мақомоти давлатӣ, пояи қонунии ҳокимияти сиёсӣ суст гашта, рақобати ғасби ҳокимият ва поймолкунии ҳуқуқу озодиҳои инсон ошкоро ба амал меомад. Маҳз дар чунин шароит бист сол пеш дар Қасри Арбоб Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кори худ шуруъ намуд. Рӯзномаи ин Иҷлосияи тақдирсоз бо фарогирии масъалаҳои муҳими рӯз таҳия шуда, ба дарёфти роҳҳои бартарафсозии вазъи ногувори баамаломада нигаронида шуда буд. Он замон тамоми мардуми мамлакат ба натиҷаҳои ин ҷамъомади сиёсӣ бо чашми умед менигаристанд. Ин бесабаб набуд, чунки аз натиҷаи он имконияти ҳамчун субъекти комилҳуқуқи сиёсати байналмилалӣ эътироф гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон сахт вобастагӣ дошт.

Барои иҷрои рисолати таърихии худ Иҷлосияи мазкур, сарфи назар аз фазои номусоид, роҳи ҳалли мусолиҳатомези масъалаҳои дар ҷомеа баамаломадаро аз ҳама афзал донист. Маҳз тавассути интихоби шеваи мусолиҳатомези ҳалли масъалаҳо муяссар шуд, ки мушкилоти барқарорсозии низоми фалаҷгаштаи идоракунии давлатӣ, таъмини ҳокимияти қонунӣ ва интихоби Сарвари нави сиёсии мамлакат бомуваффақият ҳал гардад. Иҷлосияи мазкур ҳамзамон як қатор мақомоту сохторҳои дигари сиёсиро таъсис дод ва минбаъд ҳаёти ҷомеа собит намуд, ки раванди мушкили қатъи ҷанг ва хунрезӣ, поягузориву устувор намудани рукнҳои давлатдории навини тоҷикон ва дар арсаи байналмилалӣ ҷойгоҳи хоса пайдо намудани кишвари азизамон бевосита аз фаъолияти созандаи онҳо вобаста мебошад.



Бо назардошти равандҳои ҷадиди дар ҷомеа зуҳурёфта, ки аз шахсиятҳои сиёсӣ қобилияти таври ҷиддӣ ва мустақилона роҳбарӣ намуданро ба оммаи васеи баҷунбишомада тақозо менамуд, Иҷлосияи номбурда чунин роҳбари сиёсиро дар симои фарзанди фарзонаи халқи тоҷик Эмомалӣ Раҳмон рӯйи кор овард. Имрӯз, бемуболиға, метавон гуфт, ки таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ, пешрафти бесобиқаи иқтисодиёту иҷтимоиёт ва дар маҷмӯъ рушди давлатдории навини тоҷикон ҳамрадиф бо Иҷлосияи тақдирсози XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи ин абармард робитаи ногусастанӣ дорад. Ҳарчанд баъзан як идда «коршиносон» -и ба ном мустақил доир ба он, ки ҷаро маҳз Эмомалӣ Раҳмон ба маснади Раиси Шӯрои Олӣ интихоб шуд, андешаҳои муғризона баён намуда, ба таҳрифи далелу арқом роҳ медиҳанд. Вале он нукта собит аст, ки интихоби вакилони мардумӣ асоси воқеӣ дошт, зеро ҳанӯз дар оғози ноороммиҳои ҷомеа ва муҳокимаи онҳо дар ҷаласаҳои пештараи Шӯрои Олӣ суханрониҳои ҷасуронаи вакили мардумӣ Эмомалӣ Раҳмон маҳз барои волоият ва ҳимояи қонунҳои амалкунанда равона гардида буд. Ҳама шоҳиди бевоситаи он будем, ки дар баробари дигар иқдомҳои аввалиндараҷа ба ҳайси Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба эҷоди сохторҳои нави давлатӣ дар сатҳи марказ ва маҳал ибтидо гузошт. Ба андешаи ман, Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон намунаи беҳтарини зуҳури демократия дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон аст, зеро маҳз он шароит фароҳам овард, ки гурӯҳҳои гуногуни сиёсии тамоми қаламрави ҷумҳурӣ давлатро ҳамчун ниҳоди ягонаи танзимкунандаи ҷамъият ва таҳкими сулҳу амният эътироф намоянд. Ҳамзамон Иҷлосияи мазкур далели возеҳи он аст, ки парламент ифодакунандаи иродаи мардум буд ва ҳаст. Бояд хуб дарк намоем, ки ин Иҷлосия танҳо як ҷаласаи вакилони мардумӣ набуд.

Дар он иштироки тамоми қишрҳои ҷомеа – намояндагони миллату мазҳабҳои гуногун, қувваҳои сиёсии он замон фаъол ва онҳое, ки нисбати фардои мамлакат бетараф набуданд, таъмин шуда буд. Маҳз аз ҳамин сабаб он нақши бунёдгузори давлатдории навинро дар таърихи муосири кишварамон соҳиб гашт ва ба саволҳои зиёди таърихи гузаштаву имрӯзаи мо посух гуфт.

Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба дарки тақвият бахшидан ба асосҳои сиёсии истиқлолияти Ватани азизамон зарурияти ҳар чӣ зудтар ба эътидол овардани вазъи сиёсию иҷтимоии ҷомеаро аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини давлат муайян намуд, зеро Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба хубӣ дарк намуда буд, ки бе истиқрори сулҳ ҳалли самарабахши масъалаҳои мавҷуда ғайриимкон аст. Ба ҳамин хотир Иҷлосияи мазкур тахти роҳбарии Сарвари тозаинтихоб кори худро аз сулҳу оштӣ ва ба ҳам овардани мардуми парешони кишвар шуруъ намуд. Бо талошҳои қатъӣ ва дурандешонаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар ин ҷода тамоми тадбирҳо андешида шуданд.

(Идома дар саҳ. 3)

*Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ бо тақозои таърих на танҳо тифли дар гаҳворабудаи истиқлолиятро наҷот дод, балки тақдири оянддаи ӯро муайян сохт ва Тоҷикистони соҳибистиқлолро ба сӯйи ҷомеаи мутамаддин ва арзишҳои волои башарӣ ҳидоят намуд.*

**Эмомалӣ РАҲМОН**

# Иҷлосияе, ки зуҳури демократияро дар Тоҷикистон асос гузошт

(Идома аз саҳ. 2)

Яке аз ин иқдомҳои хеле муҳим қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноӣ, интизомӣ ва маъмурӣ озод кардани шахсоне, ки дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 ҷиноят ва амалҳои ғайриқонунӣ содир кардаанд» мебошад. Яъне, ин авфи гуноҳи шахсоне буд, ки дар муқовимат ва даргириҳои то ин дам бавуҷудомада иштирок карда буданд. Мақсади қабули чунин қонунҳо таъмини асосҳои ҳуқуқии ба ҳам овардани мардуми кишвар, сулҳу оштӣ ва таъмини рӯзгори осудаи аҳолии мамлакат маҳсуб меёфт.

Ҳамин тавр, дар ин Иҷлосия бори аввал кӯшиш ба харҷ дода шуд, ки ҳадафҳои таҳкими асосҳои иҷтимоии давлати миллӣ бо тамоюлоти худшиносии аъзои ҷомеа созгор карда шавад. Ҳарчанд имрӯзҳо «баъзеҳо» ин омилҳоро нодида мегиранд, вале ҳамагон хуб медонанд, ки дар он шароит дарки пурраи муҳтавои воқеӣ ва созандаи ин амал барои аҳли ҷомеа кори саҳлу осон набуд, зеро онҳо он вақт ҷиддан пойбанди кӯшиши афзалият додан ба ҳувияти минтақавии худ буданд ва муҳтавои «миллият» - ро низ дар заминаи мансубияти маҳаллию мазҳабиашон шарҳу тафсир менамуданд. Бинобар ин, масъалаи дигари муҳим, ки наздӣ ин Иҷлосияи таърихӣ меистод, қабули рамзҳои давлатӣ, муайян намудани самти минбаъдаи инкишофи он ба сӯйи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона маҳсуб меёфт.

Хуб дар хотир дорам, ки ҳанӯз дар ҷараёни Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ҷонибдории худро аз чунин хусусияти давлат иброз дошта буд. Баъдан дар тақвияти ин андешаи худ Роҳбари мамлакат чунин таъкид кард: «Мо чандин маротиба гуфтаем ва боз мегӯем, ки тарафдори сохтани давлати демократии ҳуқуқбунёд ва дунявӣ мебошем ва ин усули пешгирифтаи мо мутобиқ ба арзишҳои умумибашарӣ мебошад. Ҳукумат ба рушду такомул ва густариши арзишҳои демократӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеа кӯмаки худро дареғ намедорад, вале Ҳукумат намегузорад, ки касе ё гурӯҳе дар зери парчами демократия табар ба решаи арзишҳои умумиинсонӣ занад, Конститутсия ва қонунҳои амалкунандаи ҷумҳуриро вайрон кунад, байни мардум тафриқа андозад ва мардумро ба ҷанги бародаркушӣ даъвату ҳидоят намояд». Маҳз ҳамин иқдомоте, ки маншаъ аз инсондӯстиву бунёдкорӣ гирифтаанд, минбаъд барои сафарбарнамоии мардум баҳри пешбурди иқтисодиёти мамлакат имконоти васеъ фароҳам овард.

Ҳоло бо итминон метавон гуфт, ки татбиқи амалии стратегияи пешгирифтаи




Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон боис гардид, ки на танҳо пастравии истеҳсолот боздошта шавад, балки ҳамасола афзоиши ҳаҷми умумии маҳсулоти дохилӣ таъмин гардад. Дар муддати кӯтоҳ бо сарварии Эмомалӣ Раҳмон дар кишвар иншооти зиёди аз лиҳози моҳият хеле муҳим бунёд шуданд ва ин раванд рӯз то рӯз вусъат меёбад. Бо мақсади аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани ҷумҳурӣ ва бо ҳам пайвастани минтақаҳои он ва таъмини амнияти озуқаворӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шудаанд. Ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ бояд хуб дарк намояд, ки ҳама ин муваффақият дар партави иқдомоти Иҷлосияи мазкур, ки ҳадафаш шароити зиндагии арзанда фароҳам овардан барои ҳар як инсон буд, амалӣ шуда истодааст. Туфайли қарору санадҳои дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулгашта дар мамлакат омилҳое ба вуҷуд омаданд, ки ба рушди соҳаҳои иҷтимоӣ ва ғайра мусоидат намуданд. Тайи ин муддат дар заминаи таваҷҷуҳи пайвастаи Ҳукумати ҷумҳурӣ фаъолияти муассисаҳои марбут ба бахши иҷтимоӣ дастгирӣ ёфта, минбаъд идома додани чунин корҳо яке аз вазифаҳои муҳими давлатӣ эътироф гардид. Аз ин бармеояд, ки ҳамасола вусъат ёфтани ин раванд идомаи мантиқии ҳамон иқдоме аст, ки пойдевораш дар Иҷлосияи зикршуда гузошта шудааст.

Интихоби самти минбаъдаи инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона дар арсаи байналмилалӣ қобили таваҷҷуҳу дастгирӣ шуд. Акнун ин мамлакат на ҳамчун нуктаи даргириҳои дохилӣ, балки ҳамчун кишвари моил ба рукнҳои демократии идоракунии ҳаёти ҷомеа боз ҳам шинохтатар гардид. Пас аз ин Иҷлосияи таърихӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби давлатҳои зиёд ба расмият шинохта шуд ва ин омил замина фароҳам овард, ки байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамолики гуногуни ҷаҳон муносибатҳои дипломатӣ барқарор гардад ва он ба узвияти як қатор созмону ташкилотҳои байналмилалӣ пазируфта шавад.

Дар маҷмуъ, бояд зикр намуд, ки моҳият ва муҳтавои Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ, ки барои миллати мо хизмати беҳамто намудааст, то ин замон бояду шояд мавриди баррасиву омӯзиш қарор нагирифтааст. Ҷойи шубҳа нест, ки бо мурури замон Иҷлосияи таърихӣ аз ҷониби ҳама тоҷику тоҷикистониён мавриди арҷгузории боз ҳам бештар қарор мегирад. Мо бояд дар шароити пурмоҷарои ҷаҳони муосир, сарфи назар аз мавқеи сиёсии худ, нақш ва аҳамияти таърихии онро холисона қадрдонӣ ва арҷгузорӣ намуда, ба Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳои ҳаққонии таърихӣ ва сиёсӣ диҳем, то ин ки наслҳоиояндаи мо бо он ифтихор намоянд.

***Убайдулло ҚУРБОНОВ,** раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳатӣ, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати байни ҷавонону занон дар ҷомеа, доктори илмҳои тиб, профессор*



# Парчами нангу ори мо

**Ливое, ки дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ роҳбарияти олии мамлакат ва дигарон назди он эҳтиром ба ҷой оварда буданд, ҳоло дар Осорхонаи миллии ҷумҳурӣ нигоҳдорӣ мешавад.**

Қабул намудани рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ин замина муайян намудани самти минбаъдаи инкишофи он ба сӯйи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ аз ҷумлаи дастовардҳои беназири Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ маҳсуб ёфта, бо гузашти вақт моҳияти бештаре касб мекунад. Тавре аз далелу арқоми он замон бармеояд, дар раванди омода ва пешниҳоди рамзҳои давлатӣ–Парчам ва Нишони миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон шодравон академик Муҳаммад Осимӣ ва Шоири халқии Тоҷикистон Мӯъмин Қаноат саҳми арзанда доштанд. Устод Мӯъмин Қаноат зимни яке аз суҳбатҳоямон иброз дошта буд, ки он вақт бобати дар кадом шакл тасдиқ гардидани Парчам ва Нишони миллӣ пешниҳоди зиёде иброз гардида буд, ки аксарашон ба ҳамдигар мухолифат доштанд. Ин омил бесабаб набуд, зеро дар он айём ҳар як гурӯҳ мехост дар ин масъала низ ба истилоҳи халқӣ «гапи худро гузаронад». Вале, вакилони мардумӣ баъд аз муҳокимарониҳои тӯлонӣ тахти сарварии Раиси тозаинтихоби Шӯрои Олии ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон тавонистанд дар ин масъалаи аз лиҳози моҳият хеле муҳим ба мувофиқа расанд.

Имрӯз бо гузашти бист сол коршиносон ба он назаранд, ки рамзҳои дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ қабулгардида ба тамоми талаботи милливу мазҳабии мардуми Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, дар арсаи байналмилалӣ яке аз парчамҳои зеботарин эътироф гардидааст.

Баъд аз қабул гардидани Парчами миллии мамлакат роҳбарияти олии кишвар ва дигар ашхос дар назди он эҳтиром ба ҷой оварданд.

Пас аз анҷоми Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин Парчамро корманди Шӯрои Олии ҷумҳурӣ Калимулло Қодиров, ки онро барои эҳтиром ба ҷой овардани шахсони зикршуда нигоҳ медошт, бо худ гирифта буд. Ин бесабаб набуд, зеро он вақт, ки ҳанӯз ноороmиҳо дар мамлакат қатъ нагашта буданд, чунин иқдом кафолат барои ҳифзи он маҳсуб меёфт. Баъд аз гузашти чанд вақт Калимулло Қодиров бо ибтикори худ Парчами фавқуззикрро ба Осорхонаи миллии кишварамон тақдим намуд. Хеле рамзӣ буд, ки дар маросими таҷлили ҷашни 15- солагии ин Иҷлосияи барои тоҷику тоҷикистониён тақдирсоз дар Қасри Арбоб Президенти ҷумҳурӣ дар назди Парчаме, ки онро ин дафъа низ Калимулло Қодиров нигоҳ медошт, эҳтиром ба ҷой овард. Имрӯз ин рамзи худогоҳиву меҳандӯстии мардуми сарбаланди тоҷик ҳамрадиф бо хомае, ки бо он дар мавзеи Хостдеҳи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон санади асосии фароҳамоварандаи ваҳдати миллиро ба имзо расонида буд, дар Осорхонаи миллии кишварамон маҳфуз аст ва ҳамарӯза теъдоди зиёди ҳамватанонамону меҳмонони хориҷӣ аз онҳо дидан менамоянд.

***Далер МЕРГАНОВ,** «Садои мардум»*

# Имтиҳони маҳорат

**Бо ҳамин ном дар шумораи 217 аз 27 ноябри соли 1992 дар рӯзномаи «Садои мардум» маводе чоп шудааст, ки фаъолияти кормандони воситаҳои ахбори оммаро оид ба инъикоси ҷараёни Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон додааст. Ба таври мухтасар онро мавриди нашр қарор додем.**



**«Арбоб, ноҳияи Хуҷанд. 24 ноябр. Мухбири махсуси Ховар З. Насриддинов.** Мароқи ҳамагон ба Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар қасри маданияти колхози ба номи ду карат Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Саидхоҷа Ӯрунхоҷаев давом дорад, хеле бузург аст. Дар ин бора мисолҳои зерин шаҳодат медиҳанд. Рафти Иҷлосияро зиёда аз 70 мухбири маҳаллию хориҷӣ инъикос мекунанд. Хабарнигорони Канада, Эрон, Англия, Фаронса, Россия, Ӯзбекистон ба нашриёҳои худ дар бораи рафти Иҷлосия хабар медиҳанд. Дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» бори аввал мухбири парлумонӣ ба кор шурӯъ кард.

Рӯзномаҳои «Ҳақиқати Ленинобод» ва «Ленинабадская правда» дар рӯзҳои Иҷлосия берун аз ҷадвали муқарраршуда ва ҳатто рӯзҳои якшанбе чоп мешуданд.

Ташвишу тараддуди кормандони телевизиони вилоят ҳам хеле калон аст. Ба туфайли заҳмати онҳо тамошобинони саросари ҷумҳурӣ рафти Иҷлосияро пурра тамошо мекунанд. Бояд гуфт, ки кормандони телевизиони Ленинобод аз имтиҳони маҳорату кордонӣ ва масъулият дар назди Ватани хеш, ки номи он Тоҷикистон аст, бо сарбаландӣ мегузаранд.

Кормандони шуъбаи алоқаи шаҳри Хуҷанд ба хабарнигорон ҳамаҷониба кӯмак мерасонанд. Бо хоҳиши роҳбарони Маркази иттилоотии «Ховар» дар бунгоҳи матбуоти Иҷлосия ду дастгоҳи телетайп шинонда шуд. Хабарҳои мухбирони махсус, кормандони бунгоҳи матбуот ва матни қарору қонунҳои дар Иҷлосия қабулшуда тавассути онҳо дар муддати кӯтоҳ фиристода, баъдан аз Душанбе дар байни воситаҳои ахбори оммавии ҷумҳурӣ, мамлакатҳои ИДМ ва давлатҳои хориҷӣ паҳн карда мешаванд.

Кори муташаккилонаи гурӯҳи алоқачиён ба ҳар гуна таъриф меарзад. Дар бунгоҳи матбуот ҳамзамон ҳафт хати телефон кашида шудааст, ки мухбиронро ба Хуҷанд ва шаҳрҳои дигари Тоҷикистону мамлакатҳои хориҷӣ пайванд месозад. Намояндагони халқ ва меҳмонони дигари Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди маҷлисҳо аз хизмати телефонҳои бунгоҳи матбуот истифода мебаранд».

***Таҳияи Аъзам МӮСОЕВ,** «Садои мардум»*

# Аз Қасри Арбоб то Қасри миллат







# ИҶЛОСИЯ дар масири таърих

*30 январи соли 1999 шоҳроҳи мошингарди Кӯлоб-Қалъаи Хум бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов кушода шуд, ки он роҳи Ваҳдат ном гирифт.*

***

*20 майи соли 1999 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ҳангоми огози сохтмони туннели «Анзоб» суханронӣ кард.*

***

*9 сентябри соли 1999 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 1100- солагии давлати Сомониён ҷашн гирифта шуд.*

***

*6 ноябри соли 1999 дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аксарияти интихобкунандагон ба тарафдории Эмомалӣ Раҳмонов овоз доданд.*

***

*16 ноябри соли 1999 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон савганд ёд кард.*

***

*11 декабри соли 1999 бо Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов барои корнамоиҳои беназир дар роҳи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, демократикунонии ҷомеа, таъмини тамомияти арзӣ, пойдории давлат ва хизмати содиқона ба халқ, бо унвони олии «Қаҳрамони Тоҷикистон» сарфароз гардонида шуд.*

***

*27 феврали соли 2000 дар саросари ҷумҳурӣ интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ баргузор гардид.*

***

*7 сентябри соли 2000 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар шаҳри Ню-Йорк, Қароргоҳи маркази Созмони Милали Муттаҳид дар мулоқоти ҳазорсолаи СММ суханронӣ кард.*

***

*8 сентябри соли 2000 ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов Ҷоизаи Корпуси байналхалқии сулҳ супурда шуд.*

***

*30 сентябри соли 2000-ум асъори нави миллии Тоҷикистон – сомонӣ ба муомилот баромад.*

***

*5 январи соли 2001 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар шаҳри Алмаато дар ҷаласаи Шӯрои байнидавлатии ҷомеаи иқтисодии Осиёи Марказӣ иштирок ва суханронӣ намуд.*

***

*21 сентябри соли 2001 яке аз қисматҳои асосии шоҳроҳи автомобилгарди Кӯлоб-Хоруг-Мургоб – агбаи Кулма-шоҳроҳи Қароқурум ба истифода дода шуд.*

***

*22 октябри соли 2001 дар шаҳри Душанбе мулоқоти сеҷонибаи Президенти Давлати Исломии Афғонистон Бурҳониддин Раббонӣ, Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов доир гардид, ки сарони давлатҳо маҷмӯи проблемаҳои Афғонистонро баррасӣ карданд.*

***

*8-9 апрели соли 2002 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар мулоқоти сарони давлатҳои узви ҷомеаи иқтисодии Аврупо-Осиё, ки дар шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон баргузор шуд, суханронӣ намуд.*

***

*13 июли соли 2002 дар Кохи Ваҳдат конференсияи дуввуми Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов суханронӣ кард.*

***

*10 сентябри соли 2002 ҷашни 2500- солагии яке аз шаҳрҳои қадимаи Тоҷикистон –Истаравшан таҷлил гардид.*

***

*3 ноябри соли 2002 сохтмони аввалин пули доимоамалкунандаи миёни Тоҷикистону Афғонистон ба анҷом расида, дар ин рӯз маросими расмии ифтитоҳи он доир гардид.*

***

*7 сентябри соли 2003 дар Маҷмааи умумии СММ бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов соли 2003-соли байналмилалии оби тоза эълон гардид.*

# ИҶЛОСИЯ дар масири таърих

*Рўзҳои 29 август – 1 сентябри соли 2003 дар Тоҷикистон Форуми байналмилалии Душанбе оид ба оби тоза баргузор гардид.*

***

*30 сентябри соли 2003 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар Иҷлосияи 58-уми Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид суханронӣ кард.*

***

*Аз 14 то 20 октябри соли 2003 бори нахуст дар таърихи соҳибихтиёрии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе чорабинии бузурги варзишӣ – Бозиҳои панҷуми Осиёи Марказӣ баргузор гардид, ки дар маросими тантанавии ифтитоҳи он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ҳузур дошт.*

***

*23 декабри соли 2003 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов Ассамблеяи Генералии СММ солҳои 2005-2015-ро Даҳсолаи байналхалқии амалиёт «Об-барои ҳаёт» эълон намуд.*

***

*Аз 18 то 22 апрели соли 2004 ҳайати парламентии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев бо даъвати Раиси Шўрои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия С. Миронов ба Федератсияи Россия сафари расмӣ дошт.*

***

*5 майи соли 2004 дар шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон мулоқоти дуюми аъзои парламенти давлатҳои узви Ташкилоти «Ҳамкории Осиёи Марказӣ» баргузор шуд. Дар ин ҳамоиш раисони Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев ва Сайдулло Хайруллоев бо гурўҳи вакилон иштирок намуданд.*

***

*Рўзҳои 12-14 майи соли 2004 аввалин сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ба Ҷумҳурии Исломии Покистон доир гардид.*

***

*17 майи соли 2005 дар тамоми шаҳру навоҳии мамлакат «Рўзи дави олимпӣ» гузаронида шуд. Ин тадбири умумиҷумҳуриявиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов оғоз намуд.*

***

*30 майи соли 2005 дар шаҳри Душанбе Конференсияи байналмилалӣ оид ба ҳамкории минтақавӣ дар ҳавзаҳои дарёҳои сарҳадгузар баргузор гардид, ки дар он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов суханронӣ намуд.*

***

*18 июни соли 2005 оғози бунёди пули «Панҷи Поён»-Бандари Шерхон.*

***

*8 августи соли 2005 сафари нахустини расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ба Шоҳигарии Таиланд сурат гирифт..*

***

*14 сентябри соли 2005 дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар мулоқоти Сарони давлатҳои узви Созмони Милали Муттаҳид бахшида ба 60-солагии ташкилёбии СММ суханронӣ кард.*

***

*10 октябри соли 2005 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар сессияи Ассамблеяи генералии XXXIII ЮНЕСКО суханронӣ намуд.*

***

*7 декабри соли 2005 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар ҷаласаи Созмони конференсияи исломӣ, ки дар шаҳри Маккаи Арабистони Саудӣ баргузор гардид, суханронӣ кард.*

***

*20 феврали соли 2006 бунёди Неругоҳи барқи обии «Сангтўда-2» дар фазои тантанавӣ оғоз ёфт.*

***

*1 марти соли 2006 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар паҳлуи «Кўли ҷавонон»-и пойтахт, воқеъ дар хиёбони Исмоили Сомонӣ, маросими оғози расмии сохтмони меҳмонхонаи нави панҷситорадор баргузор гашт.*

---

*Ман ҳамчун Роҳбари давлат савганди ёдкардаи худро дар Иҷлосияи таърихии XVI Шўрои Олӣ ва ҳангоми ба ҳайси Президент интихоб шуданам ҳаргиз ва ҳеҷ гоҳ фаромўш намесозам ва то нафаси охирин барои амалӣ кардани он захмат мекашам.*

**Эмомалӣ РАҲМОН**

# Аз Қасри Арбоб то Қасри миллат







# Сароғози таърихи навини мо

Маҳз дар Иҷлосияи таърихии XVI Шўрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон асноде қабул шуданд, ки барои дар як муҳлати кўтоҳ фаъол гардидани шохаҳои ҳукумати қонунӣ имконият фароҳам овард. Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониаш дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 15-солагии Иҷлосияи XVI Шўрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти таърихии онро таъкид карда гуфтааст:

«Воқеан, агар мо аз дидгоҳи имрўз ба рўйдоду ҳодисоти рўзҳои аввали Истиқлолияти Ватанамон назар афканем, мебинем, ки маҳз Иҷлосияи таърихии XVI Шўрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сароғози таърихи навини мо ба шумор меравад. Чунки он ба марҳилаи таҳкими истиқлолияти миллӣ ва барқарор намудани сохти конститутсионӣ, пояҳои давлату давлатдорӣ, ҳамдигарфаҳмию ҳамдигарбахшӣ ва оштию сарҷамъии миллат заминаи мустаҳкам гузошт.».

Водии Рашт баъди баргузории Иҷлосияи XVI Шўрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ хеле муддат ба мавқеи даргириҳо табдил ёфта буд. Даҳҳо ҷавонони бегуноҳ аз сабаби гумроҳӣ, ки гирифтори фиребу найранги бегонагон шуда буданд, ҷониби бародарони худ тир меандохтанд ва худи онҳо низ беҳуда ҳалок мегардиданд. Душманони миллати тоҷик аз соддагӣ ва дили софи мардуми меҳмоннавозу номдори ин диёр истифода бурда, онҳоро ба гумроҳӣ мекашиданд.

Хушбахтона, Иҷлосияи XVI Шўрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мардеро сари давлат овард, ки тавонист пеши роҳи харобкорӣ ва худкушиҳои миллатро бо зўри ақлу заковат ва истеъдоди табиӣ бигирад. Сафарҳои зиёди Роҳбари давлат ба водии Рашт, воҳўриҳояш бо сокинони маҳал ва дуруст ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ мардуми гирифтори яъсу ноумедиро ба худ овард. Онҳо ба Сарвари давлат бовар карданд, ки маҳз ў метавонад онҳоро аз оғўши оташи худсўзӣ наҷот диҳад ва Тоҷикистонро аз нестшавӣ раҳойӣ бахшад. Ҳамин тавр ҳам шуд. Баъди талошҳои зиёди Роҳбари давлат водии Рашт ором шуд. Мардум ба ояндаи кишвар бовар карданд ва даст ба ободкорӣ заданд.

Сохтмони шоҳроҳи Душанбе-Рашт-Ҷиргатол-Сари Тош, кушода шудани филиали ДДОТ ба номи С. Айнӣ, бунёди майдони варзишӣ дар маркази шаҳраки Ғарм, пули мошингузар аз болои дарёи Сурхоб дар деҳаи Муллобарот, Неругоҳи барқи обии «Санги Кар», даҳҳо мактабу муассисаҳои тандурустӣ, идораҳои маъмурӣ гувоҳи рушди иҷтимоию иқтисодии имрўзи ноҳия мебошанд.

Туҳфаи Президенти кишвар ба сокинони ноҳия, аз қабили 16 автобуси мусофирбар, 16 трактор бо таҷҳизоти кишоварзӣ, 300 компютер ва ғайра барои рафъи мушкилиҳои соҳаҳои гуногун имконият фароҳам овард.

Машварати назди Президенти мамлакат аз 20 январи соли 2011 аз як тараф ба рушду нумуи тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия такони ҷиддӣ бахшида бошад, аз тарафи дигар, эътиқод, боварӣ ва масъулияти сокинони Раштро боз ҳам зиёдтар намуд.

Чанде пеш бо дастуру супориши Президенти мамлакат «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Рашт барои солҳои 2012-2016», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №600 аз 3 декабри соли 2011 тасдиқ гардидааст, қабул шуд, ки тибқи он 73 иншоот ба маблағи 105 миллион сомонӣ сохта, ба истифода дода мешавад.

Ҳамчунин Нақшаи генералии шаҳраки Ғарм, ки таҳия гардида буд, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2012 таҳти №149 тасдиқ шуд.

Ноҳияи Рашт ноҳияи аграрист. Дар ноҳия барои рушди соҳаи кишоварзӣ тамоми имкониятҳо мавҷуданд. Фақат тарзи корбариро дигар карданамон лозим аст. Агар соли 2010 дар хоҷагиҳои деҳқонии ноҳия ҳамагӣ дар майдони 508 гектар картошка кишт карда шуда бошад, соли 2012 майдони кишти картошка ба 1575 гектар расонда шуд. Яъне, дар давоми ду сол масоҳати майдони кишт дар ноҳия 1067 гектар зиёд карда шуд, ки дар натиҷа истеҳсоли картошка дар соли ҷорӣ ба 58 ҳазор тонна мерасад. Ин нисбат ба соли 2010-ум 22 ҳазор тонна зиёд мебошад.

Боғпарварон агар дар солҳои 2009-2010 дар майдони 114 гектар боғи нав бунёд карда бошанд, дар давоми солҳои 2011-2012 онҳо масоҳати майдони боғҳои навро дар ноҳия ба 408 гектар расонданд, ки дар муқоиса 194 гектар зиёд мебошад.

Соли 2012 дар ҳудуди ноҳия сохтмони 94 иншоот бо маблағи 41 млн. 430 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 иншоот ба маблағи 30 млн. 523 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ 21 иншоот ба маблағи 3 млн. 650 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби ташкилотҳои байналмилалӣ 11 иншоот ба маблағи 1млн. 304 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби соҳибкорону ҷамъиятҳои саҳомӣ ва аҳолӣ 32 иншоот бо маблағи 5 млн. 952 ҳазор сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар натиҷаи дуруст ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ сокинони ноҳия низ ба хулоса омаданд, ки пасандози зиёдатии худро бештар ба корҳое масраф намоянд, ки манфиаташ ба тамоми мардум расад. Аз ҷумла барои бунёди як мактаби дорои даҳ синфхона дар деҳаи Нимич мардум 133 ҳазор сомонӣ ҷамъ карданд. Барои сохтмони хобгоҳи омўзгороне, ки аз дигар минтақаҳо ба кор меоянд, дар деҳаи Ҷафр 60 ҳазор сомонӣ, бинои мактаби ибтидоӣ дар деҳаи Навдӣ 50 ҳазор сомонӣ, таъмири асосии бинои таълимии мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №61 дар деҳаи Шаҳринав ба маблағи 24 ҳазор сомонӣ, барои сохтмони мактаби ибтидоӣ дар деҳоти «Аскалон» 50 ҳазор сомонӣ, мумфарш намудани 5 км роҳи дохили шаҳраку деҳот, сангфарш намудани 28 км роҳи дохили деҳаҳо, кашидани хатти оби нўшокӣ ба масофаи 35 км, сохтмони 4 адад бунгоҳҳои саломатӣ дар деҳаҳои Шоле, Ҷашмаи Қозӣ, маҳаллаи Сомониён ва Қулло масраф шуд.

Баъди баргузории маҷлиси машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷалби соҳибкорони ватанӣ дар маркази ноҳия ду сехи дўзандагӣ сохта шуд. Сехи дўзандагии «Фарангис» аз ҳисоби Иттиҳодияи нассоҷии тоҷик бо ҷалби 40 нафар духтарони маҳаллӣ ва «Ёкут-2000» бо ҷалби 60 нафар духтарони маҳаллӣ ба кор даромад. Ҳамин тариқ, 100 нафар занони маҳаллӣ бо ҷойи кор таъмин шуданд.

Аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ дар муассисаҳои соҳаи тандурустии ноҳия соли ҷорӣ ба маблағи 247 ҳазор сомонӣ корҳои сохтмонӣ ба анҷом расонида шуданд. Аз ҷумла таъмири асосии шуъбаи бемориҳои сил ва сироятӣ дар мавзеи Фурудгоҳи деҳоти «Нусратулло Махсум» ба маблағи 57,8 ҳазор сомонӣ, шуъбаи ёрии таъҷилии беморхонаи марказии ноҳия ба маблағи 7,8 ҳазор сомонӣ, муоинагоҳи марказӣ ба маблағи 11,8 ҳазор сомонӣ, беморхонаи минтақавии шаҳраки Навобод бо маблағи 11,5 ҳазор сомонӣ, деҳоти «Ҳоит» 11,2 ҳазор сомонӣ ва ғайра таъмир шудаанд.



Масъалаи тайёр намудани ҳамшираҳои шафқат бо маълумоти миёнаи касбӣ яке аз талаботи асосии соҳа мебошад. Духтарони маҳаллӣ хоҳиши дар омўзишгоҳи тиббӣ таҳсил карданро доштанд, вале набудани ҷойи истиқомат дар маркази шаҳрак ба онҳо имкон намедод. Аз ин рў, дар назди беморхонаи марказӣ Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия барои донишҷўён хобгоҳ сохт. Айни ҳол дар ин хобгоҳ 118 нафар донишҷў зиндагӣ дорад, ки беш аз 48 нафарашон духтарони деҳаҳои дурдаст мебошанд.

Солҳои 2011-2012 барои ҷавонон дар 37 деҳаи калони ноҳия майдончаҳои варзишӣ сохта шуданд. Сохтмони варзишгоҳи марказии ноҳия бошад, идома дорад. Шароит муҳайё карда шуд, ки ҷавонон вақти холии худро ба корҳои беҳуда масраф насозанд.

Дар ноҳия айни ҳол 4 адад марказҳои ҷавонон амал карда истодаанд.

Таъмини қасри фарҳанг бо таҷҳизоти зарурӣ, ки арзишаш 80 ҳазор сомонӣ мебошад, таъмини театри халқӣ бо сару либос, тағйири сохтор, ташкил намудани хонаҳои фарҳангӣ дар марказҳои деҳоти ноҳия ва ғайра аз қабили тадбирҳои дар соҳаи фарҳанг андешида мебошад. Барои хонаҳои фарҳанги назди ҷамоатҳои шаҳраку деҳот аз ҳисоби маблағҳои озоди буҷети маҳаллӣ асбобҳои мусиқӣ харидорӣ намудем, ки маблағи беш аз 130 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Солиёни дароз рўзномаи ноҳиявӣ ба номаш фаъолият дошт. Давоми сол ҳамагӣ 8-10 шумора ва бо теъдоди то 500 нусха чоп карда мешуд ва ба дасти аҳолии ноҳия намерасид. Айни ҳол рўзнома ҳар ҳафта бо теъдоди 1500 нусха бо сифати баланд чоп мешавад. Ба нақша гирифта шудааст, ки дар соли 2013 рўзномаи ноҳиявӣ ҳафтае ду маротиба бо теъдоди 2000 нусха чоп карда шавад. Бо мақсади хубтар ба роҳ мондани кори табъу нашр бо дастгирии Президенти мамлакат дастгоҳи чопкунии замонавӣ ба ноҳия оварда шуд, ки арзиши он 264 ҳазор сомонӣ мебошад ва имконият дорад, ки ба панҷ ноҳияи водии Рашт хизмат расонад.

Албатта, дастовардҳо тайи 20 соли рафта дар ноҳия хеле зиёданд ва ин ҷо бурду бохти на ҳама бахшҳои хоҷагии халқ ёдовар гардид. Он чӣ ки ёдовар шудем ва он чӣ ки дар бахшҳои дигар муваффақ гардидаем, ҳама ҳосили ҳамон қонуну қарорҳои дар Иҷлосияи XVI Шўрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулшуда аст, ки минбаъд таҳти сарварии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастаҷамъона заҳмат кашида ба даст овардаем.

***С. АБДУРАҲМОНОВ,***
***раиси ноҳияи Рашт, узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

---

# Ҷангро пойбанди ному нанг кард

**Имрўзҳо мардуми кишвар бо ифтихормандӣ аз дастовардҳои даврони истиқлолият дар тараддуди ҷашни 20-солагии Иҷлосияи XVI Шўрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум мебошанд. Дар робита ба ин ҷашни бошукуҳ аксарияти воситаҳои ахбори оммаи ҷумҳурӣ силсилаи очерку мақола ва хотираҳои депутатҳои халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳумро ба нашр мерасонанд. Дар онҳо бештар сухан бобати иштироки депутатҳои халқ, аъзои Ҳукумати вақт, мавқеъ ва нақши Иҷлосия дар масири таърих меравад. Вале бархе аз шахсоне, ки гарчанде дар таъмини ташкилу баргузории Иҷлосия бевосита саҳм гузошта бошанд ҳам, агар бо забони театр гўем, паси парда мондаанд. Аз ҳамин лиҳоз, тасмим гирифтем бо шахсоне, ки бевосита хизматрасонии таҳлилӣ, иттилоотӣ ва ҳуқуқии таъмини фаъолияти Иҷлосияро ба зимма доштанд, суҳбате дошта бошем. Дар парлумони имрўза мо танҳо як нафареро дарёфт намудем, ки дар таъмини ҳуқуқ ва ташкилу баргузории Иҷлосияи мазкур иштирок намуда, бевосита шоҳиди ин чорабинии таърихӣ гардидааст.**

**Ҳоло суҳбатамонро бо ҳуқуқшинос, Мушовири давлатии адлияи дараҷаи се, дастпарвари Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) ва Академияи хизмати давлатии назди Президенти Федератсияи Россия, корманди собиқадори парлумони кишвар ва хизмати давлатӣ, мудири шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нарзулло Маҳмудов пешкаш менамоем.**



**- Муҳтарам Нарзулло Раҳматҷонович, шумо кай ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор омадед?**

- Қабл аз ҳама бо истифода аз фурсати ҷойдошта ба аҳли қалами рўзнома сипосмандиву садоқат ва эҳтиром иброз менамоям. Дар қалби ман рўзномаи «Садои мардум» ҷойи махсус дорад, зеро бо нахустин сармуҳаррири он Муродалӣ Шерализода (рўҳаш шод бод), ки яке аз аввалин қурбониҳои ҷанги гражданӣ гардид, шиносоии бевосита доштам ва аз рўзҳои нахустини таъсисёбиаш то имрўз бо ҳайати эҷодии он ҳамкорӣ дорам.

Моҳи сентябри соли 1991 маро барои кор ба Шўрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват намуданд ва мушовир-сармутахассиси Кумитаи Шўрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ, тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи инсон таъин намуданд. Аз 27 апрели соли 1995 ба ҳайси мушовири калони Кумитаи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният ва аз моҳи апрели соли 2000 дар ҳамин мансаб, вале дар Маҷлиси намояндагон фаъолият доштам. Аз моҳи январи соли 2009 то инҷониб дар вазифаи мудири шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорам.

**- Ба фикри шумо, замина, сабаб ва ҳадафи ташкилу баргузории Иҷлосияи XVI Шўрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чист?**

- Ба назари мо, заминаи асосии ташкилу баргузории Иҷлосия – ҷой доштани буҳрони шадиди давлатдорӣ, сабаб – зарурати барқарор намудани сохти конститутсионӣ, хотима бахшидан ба ҷанги гражданӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои рўйи ба таназзул ниҳодаи инсон ва шаҳрванд ва ниҳоят ҳадафаш - пойдории давлати навини тоҷикон буд.

**- Он солҳо вазъият хеле мушкил ва мураккаб буд. Биноан, мехостем донем, ки таъмини ҳуқуқии фаъолияти Иҷлосия бар дўши киҳо буд?**

- Бояд зикр намуд, ки баргузории ҳар як Иҷлосия татбиқи чораҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иттилоотӣ, молиявӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Чораҳои ҳуқуқӣ яке аз унсурҳои асосист, ки он аз қабули қарор дар бораи даъвати Иҷлосия оғоз гардида, баъди нашри қонуну қарорҳои дар он қабулшуда ба анҷом мерасад.

Таъмини ҳуқуқии фаъолияти Иҷлосияро аз кормандони онвақтаи кумитаҳо ва котиботи Шўрои Олӣ - Р.Н.Нуров (мудири шуъбаи ҳуқуқи Котибот), Т.О.Азизова (сармутахассиси шуъбаи ҳуқуқи Котибот), З.М.Алиев (сармутахассиси Кумитаи қонунгузорӣ, тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи инсон) ва банда ба зимма доштем.

**- Ин Иҷлосия нисбат ба дигар иҷлосияҳои онвақтаи Шўрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон хусусияти ба худ хос дошт?**

- Ташкилу баргузории ин Иҷлосия нисбат ба дигар иҷлосияҳо бо бисёр хусусиятҳои ба худ хос фарқ дошт. Қабл аз ҳама, он дар Қасри Арбоби ноҳияи Хуҷанд (ҳоло Бобоҷон Ғафуров), яъне берун аз шаҳри Душанбе ва бинои парлумон баргузор гардид.

Хусусияти дигар – рўзномаи Иҷлосия буд, ки бо назардошти кори комиссияи муросо ва маҷлиси машваратӣ таҳия гардид ва пайдарпайии масъалаҳои ба он воридшуда, тибқи талаботи қонунгузории он вақт амалкунанда, сурат гирифт.

Боз як хусусияти ба худ хос дар ҷараёни сиёсӣ қарор гирифтани Иҷлосия зоҳир гардид. Масалан, қабули қарорҳои Шўрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатномаи Шўрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аҳзоби сиёсӣ, ҳаракату созмонҳо, ба тамоми шаҳрвандони ҷумҳурӣ», «Дар бораи изҳороти Шўрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра.

Хусусияти чорум- баррасии масъалаҳое, ки ба таъсиси мақомоти Шўрои Олӣ, ташкили ҳокимияти иҷроия, тасдиқи Парчам ва Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ворид намудани қувваҳои сулҳхоҳ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут буд. Ҳамин тариқ, Иҷлосияи зикргардида, ки дар он тамоми сохтори идоракунии давлатӣ дигар гардид ва депутатҳо қабл аз қабули қонуну қарорҳо аз натиҷаи фаъолияти комиссияи муросо ва маҷлиси машваратӣ, ки дар кори он қишрҳои гуногуни ҷамъият иштирок доштанд, бархўрдор буданд, нисбат ба дигар иҷлосияҳо ғайриоддӣ мебошад.

**- Ҳамчун иштирокчии ин Иҷлосия аз шумо хоҳиш дорам, ки дар бораи зарурати қабул намудани Парчам ва Нишони давлатӣ якчанд сухан мегуфтед.**

- Бояд зикр намуд, ки рамзҳои давлатии мо, ки аз замони шўравӣ боқӣ монда буданд, ҷавобгўйи сохти нави давлатдорӣ ва истиқлолияти бадастомада набуданд. Онҳо, бинобар мансуб ёфтан ба идеологияи яккаҳукмрони давраи шўравӣ, дигар наметавонистанд, ки мардуми кишварро бо ҳам муттаҳид намоянд. Парчам аз замонҳои қадим нишона ва рамзи муқаддаси ҳар як давлат аст ва ба хотири ҳифзи он мардум ҷони худро дареғ намедоштаанд. Аз тарафи дигар, барои қатъи ҷанги гражданӣ саф кашидан дар зери Парчами нав ва муттаҳид намудани мардум зарурати ҳам таърихиву ҳам фарҳангӣ буд. Аз ҳамин лиҳоз, дар ин Иҷлосия, яъне 24 ноябри соли 1992, бо қабули қонунҳои марбутаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалан низомномаи Парчам ва сипас Нишони давлатӣ тасдиқ карда шуданд. Бояд хотиррасон намуд, ки ба хотири эҳтиром ва бузургдошти Парчами давлатӣ, онро дар фазои тантана ва кафкўбӣ корманди Шўрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Калимулло Қодиров ба толор оварда ва аввалин шуда, Раиси Шўрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ва қумондонҳое, ки ҳар ду ҷониб ба Иҷлосия даъват шуда буданд, бо ҳаяҷон ва ифтихори калон онро бўсиданд.

**- Дар кори Иҷлосияи XVI Шўрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қумондонҳои саҳроии ҳар ду тараф низ даъват шуда буданд. Муносибати эшон ба рафти кори Иҷлосия чӣ гуна буд?**

- Навоварии дигаре, ки дар Иҷлосия ба мушоҳида мерасид, дар кори он иштирок намудани қумондонҳои мухолифин ва Фронти халқӣ мебошад. Баъди чандин моҳи ҷангҳои дохилӣ ба онҳо бори аввал муяссар гардида буд, ки байни худ гуфтушунид ороста, баҳри оташбас ва қатъи ҷангҳо чораҳои муассир андешанд.

Қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноӣ, интизомӣ ва маъмурӣ озод кардани шахсоне, ки дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 ҷиноят ва амалҳои ғайриқонунӣ содир кардаанд» ва «Дар бораи Рўзи сулҳ ва ризоияти миллии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон намудани 26 ноябри соли 1992» барои амалишавии ин кори ниҳоят муфид мусоидат намуда, минбаъд ҷиҳати муттаҳид кардани мардуми кишвар ва таъмини сулҳу субот заминаи ҳуқуқиро фароҳам овард. Дар ин росто, ҷоиз ба зикр аст, ки ташкили Оши оштӣ дар саҳни ҳавлии Қасри Арбоб аз нигоҳи ҳадафи сулҳомезонаи он низ такрорнашаванда буд.

**- Оё дар ҷараёни Иҷлосия зарурате ба миён омад, ки ба таври оҷилӣ қонунҳои нав таҳия шаванд?**

- Мавриди ба зикр аст, ки чун қоида, зарурати қабули қонунро сиёсатмадорон муайян менамоянд, вале таҳияи онро ҳуқуқшиносон ба зимма доранд. Лоиҳаи баъзе қонунҳои дар Иҷлосия қабулгардида, дастаҷамъона ва бевосита дар Қасри Арбоб таҳия шуданд ва лоиҳаҳое буданд, ки аввалан маҳсули кори як нафар буд.

Дар таҳияи лоиҳаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи даровардани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи (Қонуни Асосии) Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноӣ, интизомӣ ва маъмурӣ озод кардани шахсоне, ки дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 ҷиноят ва амалҳои ғайриқонунӣ содир кардаанд», «Дар бораи Рўзи сулҳ ва ризоияти миллии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон намудани 26 ноябри соли 1992» ва ғайраҳо иштироки бевосита доштам. Фахр мекунам, ки фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии банда аз ҳамин Иҷлосия оғоз гардид.

**- Низоми минбаъдаи давлатдорӣ низ аз масъалаҳои рўзномаи Иҷлосия буд...**

- Дар Иҷлосияи мазкур низоми давлатдорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, тавассути ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон идоракунии президентӣ ба идоракунии парламентӣ иваз шуд. Ин иқдом аз талаботи ҳамонрўза ва вазъи сиёсии кишвар ба миён омада буд ва он барои таъсиси як қатор мақомоти давлатӣ, аз ҷумла ҳукумати ҷумҳурӣ, асоси ҳуқуқӣ фароҳам овард.

Иҷлосия таъмини волоияти қонун, риоя ва ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар madди аввал гузошта, ҳамзамон қонунҳое қабул намуд, ки барои гузаштан аз системаи банақшагирии сотсиалистии хоҷагии халқ ба муносибатҳои бозоргонӣ ва созмон додани давлати иҷтимоӣ заминаҳои ҳуқуқӣ фароҳам овард.

**- Иҷлосияи XVI Шўрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон кай ба кори худ хотима бахшид ва кӣ аз аввалинҳо шуда ба шаҳри Душанбе омад?**

- Дуюми декабри соли 1992 Иҷлосияи дар асл ҳам тақдирсози Шўрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон кори худро ба анҷом расонид. Аввалин шуда тавассути самолёт ба Душанбе се нафар баргаштем. Инҳо: раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидамир Зуҳуров, камина ва мутахассиси шуъбаи умумӣ Сарвар Неъматҷонова.

Баъди чанд вақт ба Душанбе ҳокимияти нави конститутсионии тозаинтихобшуда дар ҳайати пурра баргашт ва боиси ифтихор аст, ки Раиси Шўрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов яке аз аввалин воҳўрии дастаҷамъонаи кориро бо кормандони масъули котиботи Шўрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор намуд.

**- Мо ҳама одат кардаем, ки дар бораи нақши Иҷлосияи тақдирсоз бисёр сухан ронем. Агар фарз кунем, ки ин Иҷлосия доир намешуд?**

- Қабл аз ҳама, дар кадом ҳолате бошем, бояд ифтихор аз таҳаммулпазирии миллати азияткашида ва мардуми кишварамон дошта бошем. Сад афсўс, дар бораи нақши халқ – баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ, ки бо истифода аз ҳамаи усулҳои ҷойдошта, алалхусус тавассути барқияву воситаҳои ахбори омма, боисрор баргузории Иҷлосияро талаб менамуданд, то ҳанўз кам менависанд. Ман пешбин нестам, вале ҳақиқати ҳоли онвақта собит месозад, ки агар ин Иҷлосия намешуд:

- ҷанги гражданӣ бо тамоми ваҳшонияти ҷойдоштааш идома мееёфту сафи қурбониёни миллатамон зиёд мегардид;

- Тоҷикистон пароканда мегардид ва он ҳамчун давлат аз байн мерафт;

- ба Ваҳдати миллӣ намерасидем, генофонди миллатро нест месохтем ва шояд ба асри миёна бармегаштему ғуломи дигарон мешудем;

- аз сарватҳои ғании барои Тоҷикистон атонамудаи Худованд маҳрум мемондем ва барои аз нав матраҳ намудани сиёсати геополитикии давлатҳои абарқудрат ба хотири таъсир ва тақсимоти нав мусоидат мекардем.

Имрўзҳо, ки дар даврони шукуфоии миллат қарор дорем, он ҳодисаҳои мудҳиш чун афсона ба хотир меоянд ва шукр аз Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон мекунем, ки бароямон даврони шукуфойӣ ва сулҳу салоҳ муҳайё намудааст.

***Мусоҳиб Тиллои НЕКҚАДАМ, «Садои мардум»***

*Бояд гуфт, ки Иҷлосияи XVI як қатор ходимон ва сиёсатмадоронеро ба майдони давлатдорӣ овард, ки нисбатан ҷавон ва ҷонибдори ғояҳои нав буда, минбаъд дар рафти кор баробари давлати тозаистиқлол обутоб ёфтанд ва аз мактаби камолоти сиёсӣ баҳравар гаштанд.*

**Эмомалӣ РАҲМОН**





# Ҳабдаҳ рӯзи тақдирсоз дар Қасри Арбоб

**16** **ноябри соли 1992**, соати 10-и пагоҳӣ тахти роҳбарии Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Акбаршо Искандаров дар Қасри Арбоби колхози ба номи С.Ӯрунхоҷаеви ноҳияи Хуҷанди вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд) Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати XII ба кор шурӯъ намуд.

Дар Иҷлосия аз 230 нафар вакили Шӯрои Олӣ 193 вакил иштирок доштанд. Аз 37 нафар вакили боқимонда 3 нафар аз олам гузашта, 4 нафар дар давоми Иҷлосия расида омаданд.

30 нафар бесабаб дар кори Иҷлосия иштирок накарданд.

***

**18** **ноябри соли 1992** Иҷлосия корашро давом дод. Дар рӯзномаи Иҷлосия чордаҳ масъала пешниҳод гардида буд: «Дар бораи мурочиат ба кишварҳои узви ИДМ», «Дар бораи аризаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Набиев», «Дар бораи то вақти муайян бардоштани идораи Президентӣ», «Дар бораи Раиси Девони Вазирон», «Дар бораи аризаи Раёсати Шӯрои Олӣ ва аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи қатъ кардани ваколатҳои депутатҳои халқи ҷумҳурӣ», «Дар бораи дидани чораҳо оид ба эътидол овардани вазъи сиёсиву иқтисодии ҷумҳурӣ», «Дар бораи аз вазифа озод кардани ҷонишини Раиси Шӯрои Олӣ Приписнов В.И.», «Дар бораи дохил кардани тағйирот ба Қонун «Дар бораи статуси депутатҳои халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи Додситони кулли ҷумҳурӣ», «Дар бораи Байрақ ва Герби Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи афви умумӣ», «Дар бораи қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» ва масъалаҳои ҷорӣ.

***

**19** **ноябри соли 1992** дар кори Иҷлосия депутати халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон А.Мирзоев аз ҳавзаи интихоботии Хонақоҳ № 47, ноҳияи Ҳисор ба сухан баромада, номзадии депутати халқ Эмомалӣ Раҳмоновро ба вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд.

Дар натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ аз 197 депутат, ки дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ иштирок доштанд, 186 нафари онҳо ба ҷонибдории Эмомалӣ Раҳмонов овоз доданд.

Мутобиқи моддаи 109 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуд.

***

**20** **ноябри соли 1992** депутатҳои халқ дар Иҷлосия аризаи истеъфои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Набиевро баррасӣ намуданд. Иҷлосия истеъфои Раҳмон Набиевро қабул карда, ба ӯ як қатор имтиёзҳо муқаррар намуд.

***

Вакилони халқ хотири депутатҳои халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нурулло Ҳувайдуллоев, Мавлон Олимов, ки ба таври фоҷиавӣ ҳалок гардида буданд ва Қурбоналӣ Имомовро, ки ногаҳон вафот карда буд, бо лаҳзаи хомӯшӣ пос доштанд.

***

**21** **ноябри соли 1992** Иҷлосия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо», масъалаҳои афви умум, Парчам ва Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ ва қабул намуд.

Ба муносибати қабули рамзҳои нави давлатӣ депутатҳо аз ҷой бархоста, қабули Парчам ва Нишонро ҳамчун рамзи мустақиливу соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чапакзании бардавом истиқбол карданд.

***

**26** **ноябри соли 1992** депутатҳои халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноӣ, интизомӣ ва маъмурӣ озод кардани шахсоне, ки дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 дар минтақаҳои мухолифат ҷиноят содир кардаанд», мавриди муҳокима қарор дода, онро қабул карданд.

***

**27** **ноябри соли 1992** ваколатҳои Президент муваққатан бар дӯши Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шуд ва Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ҳамзамон Сардори давлат эълон гардид.

***

**1** **декабри соли 1992** Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар Иҷлосия баромад кард. Сипас, масъалаи ворид намудани қувваҳои сулҳхоҳ, ки чанде пеш дар машварат ва муҳокимаи намояндагони кишвари мо ва ҳамсоя баррасӣ гардида буд, муҳокима шуданд.

***

**2** **декабри соли 1992** дар рӯзи охири кори Иҷлосия зарурати ворид намудани вазифаи ҷонишини якуми Раиси Шӯрои Олӣ аз ҷониби Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов пешниҳод гардид. Депутатҳои халқ ин пешниҳодро пазируфта, Абдулмаҷид Достиевро ҷонишини якуми Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намуданд.

***

**2** **декабри соли 1992** Иҷлосияи таърихии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум дар ноҳияи Хуҷанд ба кори худ хотима гузошт.

Ашӯр САФАР

# ҶОМА

*(Илҳом аз Оши оштии Хуҷанд)*

*Ҷомаи Сулҳ ба тан омадаӣ,*
*Ба даҳан қанди сухан омадаӣ.*
*Ба замин не, ба ҳаво не, ба куҷо?*
*Сар-сари дидаи ман омадаӣ.*

*Ин қадар ҷома туро зеб диҳад,*
*Ба рухат акси рухи себ диҳад.*
*Ба нигоҳам қадамат гулбез аст,*
*Дар бағал боғу чаман омадаӣ.*

*Ҷомаи тоза муборак бошад,*
*Ҳусни шероза муборак бошад.*
*Раҳи пурнур дар он метобад,*
*Зи раҳи нурфикан омадаӣ.*

*Ба ҳамин ҷома дигар банд миён,*
*Ҷомаро дор нигоҳу мадарон.*
*Сари ҳар риштаву кӯкаш бахт аст,*
*Бахт дар бар ба Ватан омадаӣ.*

*Ҷомаи Сулҳ панаҳҷо бар мо,*
*Қимат аз сарвати дунё бар мо.*
*Шарафат бод, ки ҳиммат карда,*
*Зӯр бар ҳилаву фан омадаӣ.*

*Тирамаҳ ранги баҳорон бигирифт,*
*Зиндагӣ аз сари нав ҷон бигирифт.*
*Оби ҷӯ соф шуд аз хуноба,*
*Марҳами реши бадан омадаӣ.*

*Ҷомаи Сулҳ ба тан омадаӣ,*
*Ба даҳан қанди сухан омадаӣ.*
*Ба замин не, ба ҳаво не, ба куҷо?*
*Сар-сари дидаи ман омадаӣ.*





Салимшо ҲАЛИМШО

# Номае пас аз Иҷлосияи шонздаҳум

*Замин шуд торику тира зи гарду ҷанги ғавғое,*
*Само шуд чеҳра пур аз чин зи боди сарди сармое.*
*Зи ҳар сӯе, зи ҳар кӯе нифоқ афтод дар дилҳо,*
*Бало овард бар сарҳо низоъу вазъу балвое,*
*Хамӯшу безабон гаштанд пирони хирадманде,*
*Бишуд майдони кушторе замину кишту саҳрое.*
*Ниҳон худ аҳли дил аз кӯчабоғи ошиқон гаштанд,*
*Навои ишқ рафт аз синаи ҳар сарвболое.*
*Зи шӯри ҳамзабонони забон ман безабон гаштам.*
*Забонам хушк шуд аз ғусса чун пурмавҷ дарёе…*
*Хуҷанди бостонӣ шуд раҳобахши ман аз ин рӯз,*
*Умеди тозае овард аз беҳрӯзи фардое.*
*Раҳи иқбол аз иҷлоси он шуд боз бар мардум.*
*Аз он шуд пири садсола ба роҳи ишқ барное.*
*Биёмад зодаи Раҳмон сари давлат чу мурғи бахт,*
*Дамид аз толеъаш бар рӯи халқаш субҳи сарроe.*
*Ва дар он рӯзҳои хуш ба ман омад аз ӯ нома,*
*Ва ҳар сатраш зи фасли бехазон медод овое.*
*Навиштаст ӯ, ки бодо чашмаи илҳоми ту саршор,*
*Сари тақдири халқат бо каломи пири доное.*
*Аз он нома сари тақдири кишвар ёфтам боло,*
*Ҷаҳон шуд пеши чашмам ҷилвагар бо нури хазрое.*

15 майи соли 2002 дар Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дуюм лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи медали ҷашнии 10-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум» аз ҷониби вакилон дастгирӣ ёфт ва қарор қабул гардид.

# Баъд аз даҳ сол

***

24-25 майи соли 2002 дар маҷлисгоҳи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди давлатдорӣ» конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ баргузор гардид. Дар кори конференсия аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои Ҳукумат, намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва олимону зиёиён иштирок карданд.

***

13 ноябри соли 2002 дар Қасри Арбоби шаҳри Хуҷанд бахшида ба 10-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид.

Дар тантанаҳои ҷашнӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва суханронӣ кард.

***

15 ноябри соли 2002 таҳти №938 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 201 нафар бо медали ҷашнии 10-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд.

***

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» медали ҷашнии 10-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум ба шаҳрвандон аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида мешавад ва ин медал ҳамчун мукофоти давлатӣ ба шумор меравад.

***

Бахшида ба ин ҷашни фархунда Сардори давлат Эмомалӣ Раҳмон парда аз лавҳаи ёдгорӣ бардошт, ки чунин навиштаҷот дошт:

«Дар ин бино аз 16 ноябр то 2 декабри соли 1992 Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум баргузор гардид, ки дар он ҳокимияти конститутсионӣ барқарор ва Роҳбари нави давлати Тоҷикистон интихоб гардид».

***

Рассоми халқии Тоҷикистон, сӯзанидӯзи машҳури тоҷик Зулфия Бахриддинова дар ҷамъомад асари навашро, ки ба 10-солагии ин Иҷлосияи тақдирсоз эҷод карда буд, ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов тақдим намуд.

## Андешаҳои ҳамзабонон

# Посбони ин бино оини адлу ростист

Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки дар шаҳри Хуҷанди бостонӣ баргузор гардид, мо, мардуми Афғонистон, самимона истиқболи гарм намудем, зеро хуб медонистем, ки ин Иҷлосия таҳдиди пароканда шудани давлати ҷавони тоҷиконро боздошт ва раванди сулҳу салоҳ шурӯъ гардид. Яъне, пас аз ин бародарони тоҷик имкон пайдо карда, паси мизи музокирот нишастанд ва ниҳоят баъди чанд сол дар шаҳри Москва ба санади муқаддас- Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллии тоҷикон (27 июни соли 1997) имзо гузоштанд.

Бояд гуфт, ки қисмати шимоли давлати ҷангзадаи Афғонистон тайи чанд сол ягона макони гуфтугӯ ва ба мувофиқа омадани бародарони дар ду сангар қарордоштаи тоҷик гардида буд.

Ҳанӯз дар Иҷлосияи сарнавиштсоз, ки Эмомалӣ Раҳмон Сардори давлат интихоб шуд, ба мардум сулҳу ризоияти миллиро ваъда дод ва аз ҷумла изҳор дошт, ки то як фарди тоҷикистонӣ дар ғурбат бошад, ман ором нахоҳам буд.

Маҳз бо дастгирии мардуми афғон, бахусус Раиси Ҷумҳурии Исломии Афғонистон равоншод устод Бурҳониддин Раббонӣ ва Қаҳрамони миллии Афғонистон Аҳмадшоҳи Масъуд, рӯҳашон шод бод, аввалин гуфтушунидҳои Сардори давлат бо намояндагони мухолифини тоҷик дар қаламрави Афғонистон, дар шаҳрҳои Кобул, Тахор ва минтақаи Хосдеҳ, ки хатари ҷон эҳсос мешуд, оғоз гардида буд.



Бояд зикр намуд, ки баъди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи асосӣ барқарор намудани сохти конститутсионӣ дар пойтахт ва вилоятҳову ноҳияҳо буд. Яке аз муҳимтарин аҳамияти ин Иҷлосия дар он буд, ки ҳукумати ба тозагӣ интихобшуда бо сарварии пешвои 40 миллионнафараи тоҷикони дунё муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар муддати кӯтоҳ ҳам бошад, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллии тоҷиконро ба имзо расонид, ҳам гурезаҳои иҷбориро ба Ватан баргардонид ва ба тадриҷ вайронаҳои Ватанро обод карда, ба боғу бӯстони зебо табдил дод.

Аз ин рӯ, шукр бояд кард, ки ин Иҷлосия сари вақт доир гардид. Шояд аз ин лиҳоз, муҳаққиқон онро Иҷлосияи таърихӣ ном мегиранд. Дар асл ҳам он таърихӣ буд ва инак, мо 20- солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо руҳияи идона ҷашн мегирем.

Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон қалбҳо ва дилҳои ҳамзабонони ҳар ду тарафи дарёи Омуро бо бунёди пулҳои дӯстӣ ва бародарӣ аз минтақаҳои Ишкошим то Панҷи поён шоду хурсанд кард. Алҳол бозорҳои наздисарҳадӣ хеле фаъоланд ва сокинони ду давлат мубодилаи савдо доранд, ки таърихи ин ду халқҳо назирашро надида буданд. Ин ҳам яке аз шаҳдҳои он Иҷлосия мебошад.

Агар мо даст ба даст гирем, бо қадамҳои матин ҳамаи мушкилотамонро пушти сар мегузорем.

Бояд гӯям, ки мардуми заҳматкаши Афғонистон аз шуҷоат ва мардонагии Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон, бародар ва дӯсти деринаи афғон, дар ҳама маврид пуштибонии худро борҳо эълон намудаанд.

Худованд ба тоҷикон Сарварсардори шуҷоъ ва нотарсро дар симои Эмомалӣ Раҳмон насиб гардонид. Ӯ имрӯз чун шаҳсутуни миллат сулҳу осоиши мардумашро таъмин мекунад ва имкону вақт пайдо карда, аз хусуси вазъи сиёсӣ ва оромиву осудагии халқи Афғонистон аз минбарҳои баланд суханронӣ мекунад. Шоири маҳбуб ва ватандӯсти мо устод Халилуллоҳи Халилӣ дар сифати чунин родмардони Ватан фармуда:

***Посбони ин бино оини адлу ростист,***
***Хонаи бе посбон ҳамчун саройи бе дар аст.***

Моҳи августи соли 2012 ба Сармуншии Созмони Милали Муттаҳид ҷаноби Пан Ги Мун, ба кишварҳои дӯст, сулҳхоҳ ва абарқудрати ҷаҳон оид ба вазъи ногувори Афғонистони имрӯза Муроҷиатнома ирсол намудам. Мақсад аз Муроҷиатномаи банда дар он буд, ки бояд ҳатман дастаҷамъона ҳамаи давлатҳои сулҳхоҳ ва дӯсти мардуми Афғонистон баҳри сулҳу осоиш ва тинҷиву оромӣ дасти кӯмак дароз намоянд, зеро халқи заҳматкаши афғон меҳоҳанд, ки кишварашон як Афғонистони ғайритеррористӣ, ғайри моводи мухаддир, ғайри яроқи аслиҳаи одамкуш, давлати босубот ва бо амн бошад.

Халқҳо ва қавмҳо дар сар то сари ҷаҳон бисёранд, лекин то ба мақоми миллат расидан зарур аст, ки ҳадафи муҳим ва муқаддас ба даст оварда шавад. Ин ҳадаф давлат аст, ки бо марзу буми худ, бо ҳукумати худ, бо забону фарҳанги миллии хеш ва қабл аз ҳама бо пешвои шуҷои хеш миллати худро пеш мебарад.

Халқи Курдистон зиёда аз 40 миллион нафаранд ва солҳои сол инҷониб барои истиқлол ва давлатдорӣ мубориза мебаранд, аммо комёб намешаванд ва давлат надоранд. Тоҷикон ва Тоҷикистони азиз, хонаи умеди тамоми тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон, миллати хушбахтанд, зеро чунин кишвари зебо ва биҳиштосо доранд.

Таъкидан иброз мекунам, ки ҳеҷ гоҳ ба ақиб, ба вайронкориву дуди ҷанги хонумонсӯз барнагардед. Ҳамеша домани сулҳу ваҳдатро аз дилу ҷон ҳимояву дастгирӣ кунед. Хоҳони онам, ки дар ин кори бузургу пешрав мададгоратон тамоми кишварҳои дӯсту сулҳхоҳи ҷаҳон бошанд.

Ҷовидон бод сулҳу оромӣ дар Тоҷикистони азиз- хонаи умедам ва меҳани ба ҷону дил баробарам Афғонистон.

**Бозмуҳаммади КУФӢ,**
**генерал-лейтенанти мустаъфии амнияти Афғонистон**



Нахустин мусоҳибаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов. Соли 1992.

*Саҳифаро Тиллои НЕККАДАМ омода намуд.*

## ИҶЛОСИЯ дар масири таърих

*23 марти соли 2006 дар Тоҷикистон воқеаи таърихӣ рух дод. Дар ин рӯз нақби Анзоб кушода шуд.*

***

*11 июли соли 2006 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов маросими огози корҳои лоиҳаи азнавсозии роҳи автомобилгарди «Душанбе-Айнӣ-Истаравшан- Хуҷанд- Бӯстон-Чанак» баргузор гардид.*

***

*20 октябри соли 2006 дар мавзеи Сангистони ноҳияи Дангара сохтмони нақби Шар-Шар огоз ёфт.*

***

*18 ноябри соли 2006 дар Кохи «Сомон»-и бӯстонсаройи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маросими савгандёдкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов, ки рӯзи 6 ноябри соли 2006 тибқи интихоботи умумихалқӣ интихоб гардид, баргузор шуд.*

***

*16 январи соли 2007 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Анҷумани тиҷоратию иқтисодӣ дар шаҳри Пекини Ҷумҳурии Мардумии Чин иштирок ва суханронӣ намуд.*

***

*27 марти соли 2007 бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади абадӣ гардонидани хотираи Асосгузори адабиёти классикии тоҷику форс Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва таҷлили бошукуҳи 1150-солагии шоир Боги марказии фарҳангу фарогатии шаҳри Душанбе Боги устод Рӯдакӣ номгузорӣ шуд.*

***

*8 июни соли 2007 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид.*

***

*20 июни соли 2007 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати даҳумин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ ва бо назардошти принсипи башардӯстӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф»-ро имзо гузошт.*

***

*26 августи соли 2007 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи пули азим дар мавзеи Панҷи Поён иштирок ва суханронӣ намуд.*

***

*4 сентябри соли 2007 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зери пойдевори биноӣ Китобхонаи миллӣ санги асос гузошт.*

***

*3 ноябри соли 2007 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Конфронси шашуми вазирони мамлакатҳои иштирокдорони Барномаи ҳамкории минтақавии иқтисодии Осиёи Марказӣ суханронӣ намуд.*

***

*10 январи соли 2008 агрегати нахустини Неругоҳи барқи обии «Сангтӯда-1» ба кор даромад.*

***

*13 марти соли 2008 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Саммити 11-уми сарони кишварҳои аъзои Созмони конфронси исломӣ суханронӣ кард.*

***

*25 августи соли 2008 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маркази шаҳри Душанбе Боги устод Рӯдакӣ дар фазои тантанавӣ ифтитоҳ ёфта, расман ба истифода дода шуд.*

***

*3-4 сентябри соли 2008 дар бинои Маҷмааи давлатии «Кохи Ваҳдат»-и пойтахт бо ибтикори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо Форуми Осиёгии парламентарҳо оид ба нуфус ва рушд бори нахуст Конференсияи занон-парламентарҳои Осиёи Марказӣ дар мавзуи «Нақш ва саҳми занон-парламентарҳо дар рушди ҷомеа» баргузор гардид.*

***

*5 ноябри соли 2008 дар мамлакат ду рӯйдоди фараҳбахши умумиҷумҳуриявӣ ба вуқӯъ пайваст. Бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон телевизиони шабонарӯзии иттилоотии Муассисаи давлатии «Ҷаҳоннамо» ба фаъолият шурӯъ намуд.*

---

*Умедворам, ки Симпозиуми байналмилалӣ ба шарафи 10-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳқиқу омӯзиши таърихи навини миллати куҳанбунёд ва фарҳангпарвари тоҷик саҳифаи наве мекушояд.*

**Эмомалӣ РАҲМОН**

# Мустақилияти ҳокимияти судӣ ва нақши он дар таҳкими қонунгузорӣ

**Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замоне баргузор гардид, ки мамлакатро ҷанги шаҳрвандӣ фаро гирифта буд. Ҷанг на танҳо иқтисодиёти бе ин ҳам фалаҷгашта, балки эҳтирому риояи Конститутсия ва қонунҳои мавҷударо батамом аз байн бурд. Аз ҷониби дигар, қарору қонунҳои дар замони Шӯравӣ қабулшуда акнун мақсаду мароми ҷумҳурии соҳибистиқлол ва манофеи мардуми онро ба таври бояду шояд ифода карда наметавонист.**

Барои ба таври воқеӣ ҳимоя намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои қонунии давлат, ташкилот ва муассисаҳо қабули санаде лозим буд, ки тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоиро дар бар гирад. Ин санади муҳим Конститутсияи (Сарқонуни) нави давлати соҳибистиқлол буда метавонист, ки ба қабули он Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос гузошта буд.

Вобаста ба ин 6 ноябри соли 1994 аввалин маротиба дар таърихи давлатдории тоҷикон Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қонуни олии кишвар бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид, ки он аввалин ислоҳоти конститутсионӣ буда, масъалаҳои вобаста ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар он мавқеи муҳимро ишғол менамуд. Дар Конститутсияи нав инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ эътироф гардид. Муқаррароти мазкур аз нишонаҳои асосии давлати демократӣ будани Тоҷикистон шаҳодат медиҳад. Мувофиқи моддаи 9 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад. Бори аввал дар Конститутсия ва таърихи таҷрибаи идоракунии давлатӣ мафҳуми «Ҳокимияти судӣ» ба миён омад.

Хамзамон дар моддаи 84 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст:«Ҳокимияти судӣ мустақил буда, аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо амалӣ мегардад. Ҳокимияти судӣ ҳуқуқ, озодии инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолатро ҳифз менамояд».

Қобили зикр аст, ки Президенти мамлакат ба нақши мақомоти судӣ ҷиҳати мустаҳкам кардани қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, 14 апрели соли 1997 Фармон «Дар бораи баъзе тадбирҳо оид ба таъмини мустақилияти ҳокимияти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ба имзо расонид. Дар ин замина бо мақсади такмили низоми судӣ-ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани нақши ҳокимияти судӣ дар мамлакат бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 1999 таҳти №48 мақоми нави коллегиалӣ-Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт. Вазифаҳои он аз пешниҳод намудани таклифҳо доир ба такмили сохтори судӣ-ҳуқуқӣ, мусоидат ба таҳкими мустақилияти судҳо, таъмини ташкилӣ, молиявӣ ва моддию техникии судҳо, хоста гирифтан ва тайёр намудани номзадҳо ба вазифаи судя ва коромӯз-судя, такмили ихтисоси судяҳо, кормандони дастгоҳи судҳо иборат мебошад.

Таъмини волоияти қонун дар фаъолияти тамоми шохаҳои ҳокимият, иҷрои бечунучарои талаботи қонун аз тарафи ҳамаи шаҳрвандон ва мақомоти давлатӣ ҳамчун кафолати ҷомеаи ҳуқуқбунёд арзёбӣ мегардад. Аз ин хотир, Президенти мамлакат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2007 махсус чунин таъкид намуд: «Дар раванди созмон додани ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши қонун, эҳтиром, риоя ва иҷрои он ниҳоят бузург аст. Қонун бояд меъёри муайянкунандаи рафтори ҳаррӯзаи шахс, фаъолияти ташкилоту муассисаҳо ва воситаи танзимкунандаи муносибатҳои ҷомеа бошад».

Дар ин робита зарурати гузаронидани ислоҳоти судӣ дар кишвар пеш омад. Аз ин рӯ, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2007 таҳти № 271 «Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ гардида, қонунгузории амалкунанда такмил ёфт ва кодексу қонунҳои нав қабул карда шуданд, сохторҳои нави судӣ, ба монанди коллегияҳои маъмурӣ, оилавӣ ва низоми нав-вазифаи коромӯз - судя таъсис ёфтанд. Дар идомаи ислоҳоти судӣ 3 январи соли 2011 таҳти №976 «Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013» тасдиқ гардид, ки мақсад аз он таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ, мукаммал намудани қонунҳо мебошад. Ҷиҳати таъмини иҷрои барномаи мазкур ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» иловаҳо ворид карда шуд, ки тибқи он минбаъд ҳар як судя дар ду сол як маротиба ба курсҳои такмили ихтисос фаро гирифта мешавад.

Ҳамзамон ҳар як судя доир ба фаъолияти кориаш дар давраи ҳисоботӣ (шашмоҳа ва солона) ахбори муфассал пешниҳод менамояд, ки он мавриди таҳлилу хулосабарорӣ қарор мегирад. Ин омил барои баланд бардоштани масъулияти судяҳо дар иҷрои вазифаҳои хизматӣ мусоидат менамояд.

Инчунин ба кодексҳои мурофиавии ҷиноятӣ, гражданӣ ва иқтисодӣ вобаста ба муҳлат ва тартиби баррасии парвандаҳои иқтисодӣ тағйиру иловаҳо ворид гашта, дар низоми судҳои иқтисодӣ марҳилаи апелятсионӣ хориҷ гардида, салоҳияти суди марҳилаи кассатсионӣ васеъ карда шуд, ки бо ин васила сари вақт ва дар муҳлати кӯтоҳ баррасӣ ва ҳал намудани парвандаҳо таъмин мегардад.

Тӯли ду соли охир бо мақсади ба танзим даровардани сарбории судяҳо 67 воҳиди иловагии судягӣ ва 57 воҳиди вазифаи корманди дастгоҳҳои судҳо ҷудо гардид.

Ҳамасола пешбинӣ намудани афзоиши маблағгузории мақомоти судӣ дар Буҷети давлатӣ ва баробар кардани вазъи иҷтимоии судяҳо ва кормандони дастгоҳҳои судҳо ба вазъи иҷтимоии кормандони дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ пешбинӣ гардида, ҷиҳати таъмини иҷрои он бо Фармони Президенти мамлакат аз 2 августи соли 2011 таҳти № 1126 маоши моҳонаи вазифавии судяҳои судҳои вилоятӣ, шаҳри Душанбе, судҳои ҳарбии гарнизонҳо, судҳои иқтисодӣ ва судҳои шаҳру ноҳияҳо ба андозаи 100 фоиз зиёд карда шуд.

Ҳамчунин дар раванди ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, бо назардошти принсипҳои башардӯстӣ ва мутобиқгардонии онҳо бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, таҳияи як қатор қонунҳои нав масъалагузорӣ гардид, ки таъмини иҷрои онҳо идома дорад.

Тавре мушоҳида менамоем, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри пешравии ҷомеа, ҳаёти осоиштаи мардум, таъмини рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар тадбирҳои ҳадафрас анҷом дода истодаанд. Ҳар яки мо вазифадорем, ки дар татбиқи сиёсати пешгирифтаи Сарвари давлат ва Ҳукумат саҳмгузор бошем.

***М. ҚАЛАНДАРОВА,***
***муовини раиси Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон***

---



**Туғон Абдуҷабборов аз ҳавзаи интихоботии Куйбишев №195, ноҳияи Куйбишев вакили Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум (солҳои 1990-1995) интихоб шудааст.**

**Туғон Абдуҷабборов соли 1948 дар деҳаи Қуллои ноҳияи Ғарм (ҳоло Рашт) таваллуд шудааст. Дорои маълумоти олӣ мебошад. Ӯ вазифаҳои муҳандис, сармуҳандис, сардори Колоннаи механиконидашудаи сайёр, сардори тресті «Тоҷикремводстрой»-и Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии оби ҶШС Тоҷикистон, мудири шуъбаи КМ ҲК Тоҷикистон (солҳои 1987-1988), котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Куйбишев (солҳои 1988-1990), муовини раис, раиси Комиҷроияи Шӯрои вакилони халқи ноҳияи Ғарм (ҳоло Рашт)-ро бар ухда дошт.**

**Бо Грамотаи Фахрии Президиуми Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон сарфароз гардонида шудааст. Айни ҳол дар нафақа буда, дар деҳаи Қуллои ноҳияи Рашт зиндагӣ мекунад.**

# Суханаш созандаю маромаш ободкорист

Чун сухан дар боби Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон меравад, симои яке аз иштирокчиёни он аз минтақаи Рашт, марди нексиришту аз кинаву кудурат орӣ Туғон Абдуҷабборов пеши назар падидор мешавад. Айёме ки ӯ роҳбарии ноҳияро бар дӯш дошт, садои тиру туфанг ба гӯш мерасиду ба ҷуз ранги хуну оташ чизе дида намешуд.

Ватандори асил ба ин ҳама тоқат мекард. Даврони роҳбарии аввалаи ӯ ба ҳайси раиси ноҳия аз давраи дуюмаш куллан фарқ мекард. Соли 1995 соли мудҳишу даҳшатзо ба ҳисоб мерафт. Ду гурӯҳи мусаллаҳ дар муқобили ҳамдигар сангар гирифта буданд. Ноумедӣ ба оянда саропойи мардумро домангир буд.

-Хуни ноҳақ мерезад аз ҳар ду ҷониб,- меандешид ба худ раис.

Бо истифода аз иштироки нозирони байналмилалӣ, ки доираи фаъолияташон дар минтақа васеъ гардида буд, ба гуфтушунид миёни гуруҳҳои даргир оғоз бахшид. Роҳбарони мақомоти қудратӣ ва қумондонҳои ҷабҳаҳои мухолиф ин пешниҳодро хуб пазируфтанд. Роҳи ҳалли масъала низ бо ҳамин тарз тақозои замон буд.

Ҳамин тариқ, ҳар гуфтушунид натиҷаи дилхоҳ бор меовард ва нофаҳмию кинаҷӯйиро аз байн мебурд. Билохира, моҳи сентябри соли 1996 созишномаи сулҳи ду тарафи муқобил дар минтақаи Рашт ба имзо расид. Ин созишнома асос ва заминаи воқеие буд барои созишномаҳои оянда.

Ин иқдом мардумро ба ояндаи нек дилпур месохт. Ҳаёти осоишта бомаром пеш мерафт. Мактабҳо фаъолияти мунтазами худро ба роҳ монданд. Бозору мағозаҳо ба кор даромаданд. Халқи ҷафокашида нафаси сабук кашид…

Даврони роҳбарии Туғон Абдуҷабборов асосан ба айёми ба эътидол овардани вазъи сиёсӣ ва барқарорсозии харобиҳои ҷанг рост омад. Бо дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати ҷумҳурӣ садҳо хонаҳои харобгашта барқарор шуда, мардуми фирорӣ ба макони зисти худ баргаштанд. Фаъолияти Дафтари ҳадамоти лоиҳавии СММ, Агроаксияи Олмон, Хазинаи Оғохон, «Духтурони бидуни марз» ва чандин созмонҳои байналмилалӣ дар сохтани роҳу пулҳо, кашидани хатҳои оби нӯшокӣ, бунёди марказҳои саломатӣ, пешгирии бемориҳои сироятӣ, таъмини аҳолӣ бо маводи озуқа ва ривоҷи соҳаи кишоварзӣ хеле назаррас буд. Ба имзорасии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ боис шуд, ки собиқ размандагон ба меҳнати осоишта ва бунёдкорӣ баргарданд.

Имрӯз Туғон Абдуҷабборов шукрона дорад, ки ақли солим ғалаба карду миллати тоҷик аз парокандашавӣ наҷот ёфт ва ҳоло мардуми мо зери роҳбарии хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба созандагию бунёдкорӣ қадамҳои устувор мегузорад. Ифтихор аз он дорад, ки ба ҳайси вакили мардумӣ ӯ дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкат варзиду заррае ҳам бошад, дар таҳкими сулҳу салоҳ ва оромии ҷомеа саҳм гузошт.

Ҳоло низ ҳар сухани ӯ созанда аст. Маромаш ободкориву созандагӣ, ҳифзи дастовардҳои истиқлолият ва ваҳдати миллист, ки моро Худованд насиб гардонд. Он чуноне ки дар тантанаи 15- солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ зимни суханронии худ дар назди ҷавонони ноҳия ҳарф зада буд. Ӯ ҷавононро даъват намуд, ки солимфикру соҳиби ахлоқи пок бошанд ва ба роҳи каҷ қадам ниниҳанд. Ба қувва ва неруи ақлонии худ бовар дошта бошанд.

Ҳоло Туғон Абдуҷабборов дар нафақа аст, аммо ором нишаста наметавонад. Дар ҳама чорабинию ҷамъомадҳо ӯ суҳбатоpo мебошад. Аз таҷриба, ташкилотчигӣ ва донишу маҳорати ӯ истифода мебаранд.

***Ҳокимҷон НАИМОВ,***
***корманди Маркази шуғли аҳолии ноҳияи Рашт***

---

# Иҷлосияи тақдирсоз

**Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо унвони Иҷлосияи тақдирсоз ба таърихи навини мо ворид гардида, дар ҳақиқат, дар бунёди давлати ҳуқуқбунёду ягонаи дунявӣ асос гузошт. Ҳамин таъбир чун мундариҷаи пурсиши назари мардумро муайянкунанда буд.**

**Усмон ОЛИМ- шоир, Ходими хизматнишондодаи фарҳанги Тоҷикистон:**- Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи таърихии худро дар назди халқу миллати тоҷик иҷро намуд. Маҳз дар ҳамин Иҷлосия соҳибистиқлолии давлати тоҷикон таъкид гардид. Вакилони мардумӣ бо як овоз фарзанди фарзонаи миллат Эмомалӣ Раҳмонро Сарвари давлат интихоб намуда, хато накарданд. Сарвари ҷавони давлати ҷавони куҳанбунёд тавонист, ки сулҳи деринтизори моро таъмин кунад, гурезагонро ба ҷойи зисташон баргардонад.

**Малик ҚУРБОНОВ:-собиқадори меҳнат, иштирокчии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон:** - Ман аз он ифтихор дорам, ки ҳамчун вакили Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии ин Иҷлосияи ба маънои томаш тақдирсоз будам. Он шабу рӯз ҳушу гӯши тамоми тоҷикистониён ба Хуҷанди бостонӣ нигаронида шуда буд. Инро мо, иштирокчиёни Иҷлосия, хеле хуб мефаҳмидем. Медонистем, ки тақдири миллат, будану набудани Тоҷикистон дар харитаи ҷаҳон аз қарору қонунҳои қабулкардаи мо вобастагии калон дорад. Аз ин рӯ, қабули ҳар як санад бо иштироки ҳамагон, баъди муҳокимаҳои тӯлонӣ, даст медод.

Маъракаи Оши оштӣ хеле хотирмон сурат гирифт. Он рӯз иди ҳаққонӣ буд, тарафҳои муқобилу даргир ҳамдигарро ба оғӯш гирифта, табрик менамуданд, дар чашмони ҳама ашки шодӣ мушоҳида мешуд. Мо- вакилони Шӯрои Олӣ аз ноҳияи Мастчоҳ –банда, Саидшариф Шарифов –котиби аввали ҳамонвақтаи Ҳизби коммунисти ноҳия, Муртазо Баҳриканов- раиси Ассотсиатсияи хоҷагиҳои деҳқонии ба номи Эргашев, Муқими Муқимӣ- мудири шуъбаи умумии комиҷроияи ноҳия бархе аз иштирокчиёни Иҷлосияро ба хотири анҷоми нек ҳар рӯз ба меҳмонӣ мехостем ва ин таклиф бо хубӣ пазируфта мешуд.

**Боҳир АБДУЛОВ -директори кулли ҶСК «Ҳасан Абдулов»:** - Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи миллату кишвар ҳамчун форуми сулҳоварон ҷо хоҳад гирифт. Маҷмӯи тадбирҳо оиди барқарории сулҳ, ба Ватан баргардонидани гурезаҳо, барқарор намудани хоҷагии халқи дар натиҷаи кашмакашиҳои дохилӣ харобгардида маҳз дар ҳамин Иҷлосия баррасӣ шуд.

Мо- ҷавонон шоҳид будем, ки чӣ тавр Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон киштии ғарқшудаистодаи миллатро бо дасти тавоною ақли расо ба соҳили умед расонд. Дидем, ки риштаҳои дӯстии Бадахшону Зарафшон, Хатлону Раштонзамин тавассути сиёсати оқилонаи Давлату Ҳукумат бо торҳои заррин танида шуданд.

Ҳамин фазои осудаю таҳаммулпазир имкон дод, ки кишвар дар кӯтоҳтарин муҳлат аз харобаҳо раҳойӣ ёбад, қадамҳои устувор ба пеш гузошта тавонад. Корхонаҳои ширкати «Олими Каримзод» ҳам бо истифода аз имконияти мавҷуда, доираи фаъолиятро ба нафъи мардум васеъ карданд. Баробари пешбурди истеҳсолот дар корхонаҳои амалкунанда соли гузашта бузургтарин фабрикаи ресандагӣ дар Осиёи Марказӣ дар доманаи қаторкуҳҳои Қурама, паҳлуи шоҳроҳи Душанбе-Хуҷанд-Чанак бо иштироку ҳидояти Сарвари давлат ба истифода дода шуд. Имрӯз дар ин корхонаи азими истеҳсолӣ, ки риштаҳои истеҳсолкардааш ба бозорҳои Эрону Туркия, Россия, Украина бароварда шудаанд, зиёда аз 400 нафар ба кори доимию моҳонаи хуб фаро гирифта шудаанд.

Мо минбаъд ҳам кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки мулк ободу мардум шод бошад.

**Муқбилхӯҷа АҲРОРОВ-собиқадори меҳнат, раиси Шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнати шаҳраки Бӯстон:**- Тақдир маро ба ин Кохи Сулҳи тоҷикон хеле барвақттар- солҳои 50-уми асри XX пайваста буд. Он замон ман донишҷӯйи техникуми бинокорӣ будам ва моҳҳои июну июли соли 1954 дар ҳайати касбомӯзон дар бунёди пойдевори ин қасри боҳашамат иштирок доштам. Дар гӯшаи хаёлам ҳам набуд, ки замоне ин таҳкурсии гузоштаи мо бори вазнинтар аз садҳо тонна-бори миллатро хоҳад бардошт. Боварӣ дорам, ки санадҳои қабулнамудаи ин Иҷлосия тӯли садсолаҳо барои рушди кишвар мусоидат мекунанд.

**Лидия Давидовна МИССИКОВА – китобдор:**- Ҳуҷҷату санадҳои Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар китобхонаи мо доимо ҷойи намоёнро ишғол мекунанд, чунки маҳз иштирокчиёни ҳамин ҷаласа тақдири ояндаи миллатро бо ҳуруфи заррин дар китоби таърих сабт намуданд. Он вақт вазъ хатарнок буд ва минбаъд будану набудани миллати тоҷик зери суол қарор дошт. Мардуми руҳафтода намедонист, ки пагоҳ чӣ мешавад, ҷомеа пароканда буд. Мо дар навбати нон шабҳоро рӯз мекардем. Ана, дар чунин давраи ҳассос, иштирокчиёни ин ҷаласа тавонистанд, ки рукнҳои давлатдориро асос гузошта, мардумро ба ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ, аз гуноҳи ҳамдигар гузаштан даъват намоянд, ба таҳкими санадҳои азнавсозии хоҷагии халқи харобгашта мусоидат кунанд.

**Қобилхӯҷа ҚОБИЛОВ- корманди бонк:** - Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хавфи барҳам хӯрдан ё ба қисматҳо ҷудо шудани кишварро аз байн бурд ва рисолати таърихиаш, пеш аз ҳама, дар ҳамин аст. Ба ваҳдату ягонагӣ, ҳамдигарфаҳмии миллат, ки орзую ормони деринтизори халқи мо буд, маҳз дар ҳамин Иҷлосия асос гузошта шуд.

**Маҳмадзариф ШАРИФОВ - вакили Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд:** -Ин Иҷлосияро аҳли оилаи мо аз телевизион бо диққати том тамошо мекарданд. Мо, чун тамоми тоҷикистониён, ба хубӣ дарк мекардем, ки ин ҷо тақдири миллат ҳал мешавад. Ғайр аз ин, дар Иҷлосия падарам, он вақт котиби аввали Кумитаи ноҳиявии ҳизби коммунист – Саидшариф Шарифов (равонашон шод бод), ҳамчун намояндаи мардумӣ дар Шӯрои Олӣ иштирок доштанд ва оиди бисёр масъалаҳои доғи рӯз ба баҳсҳои вакилон ҳамроҳ мешуданд, барои исботи ақида далелҳои раднопазир меоварданд. Дар бойгонии хонаводагии мо бисёр расму санадҳое мавҷуданд, ки аз он рӯзҳои тақдирсози миллат ҳикоят мекунанд. Ман, ҳамчун вакили мардумӣ, кӯшиш ба харҷ медиҳам, ки дар рушду нумӯи кишвар, андаке ҳам бошад, ҳисса гузорам, то ки ҷонбозиҳои он абармардони таърихи навини мо барҳадар нарафта бошад.

**Суфӣ МИРВАЙСОВ – раиси Ҷамоати шаҳраки Бӯстон:** - Баъди нашри қарори раиси вилояти Суғд «Дар бораи таҷлили ҷашни 20-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мо маҷмӯи тадбирҳоро барои истиқболи хотирмони ин Иҷлосия ба нақша гирифтем. Аз ҷумла ният дорем, ки ба аёдати собиқадорони ҷангу меҳнат, шахсони бесаробон рафта, мувофиқи имкон ба рӯзгорашон кӯмак расонем.

Барои мо мояи ифтихор аст, ки аз шаҳраки «Бӯстон» ду нафар вакили Шӯрои Олӣ- шодравон Саидшариф Шарифов ва Малик Қурбонов иштирокчии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буданд ва барои амалӣ гардонидани қарорҳои он саҳми арзанда гузоштанд.

**Давлатбек ТӮТИЕВ – иқтисоддон:** - Аҳамияти таърихии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо гузашти солҳо бештару беҳтар эҳсос хоҳад шуд. Он замон ман муовини раиси Шӯрои депутатҳои халқи ноҳияи Мастчоҳ будам ва дар ташкилу гузаронидани Иҷлосия, чун дигар навоҳии вилояти Суғд, ки вазифаи мизбонии Иҷлосияро бар ухда доштанд, иштирок доштам. Дар корҳои омодагии ин ҷамъомади бошукуҳ кормандони мо ширкати фаъолона намуданд. Агар гӯям, ки тамоми мардуми кишвар бо ҳар навъу восита иштирокчии ин Иҷлосияи сарнавиштсози миллат буд, хато нахоҳам кард.

**Искандар БАҲРИДДИНОВ: - сарвари филиали ҶСК «Тоҷпромбонк» дар ноҳияи Мастчоҳ:**- Тақдирсоз будани Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо гузашти солҳо бештар аён мегардад. Рушду нумӯи соҳаи бонкӣ далели ин гуфтаҳост. Солҳои аввали даҳаи охирони қарни гузашта дар ноҳия ҳамагӣ намояндагии ду бонк – БДАТ «Амонатбонк» ва бонки тиҷоратии «Агропромбонк» фаъолият доштанд. Имрӯз, дар ноҳия филиали 10 бонк амал мекунад ва муштариён имкони интихоби бонки дилхоҳашонро доранд. Масалан, бонки мо қариб бо тамоми ташкилоту идораҳо ва шахсони алоҳида ҳамкорӣ дорад. Имрӯз мо қодирем, ки аз тамоми гӯшаву канори олам маблағҳоро қабул карда, дар кӯтоҳтарин муддат ба соҳибонашон расонем.

Яъне, маҳз санадҳои қабулнамудаи ҳамин Иҷлосия моро ба имрӯзи нек расонид.

***Мусанниф Мирзоҳамдам ШАРИФЗОДА, ноҳияи Мастчоҳ***

# Аз Қасри Арбоб то Қасри миллат







*Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйдоди воқеан таърихӣ мебошад, зеро маҳз дар ҳамин Иҷлосия тақдири ояндаи давлати миллии тоҷикон тарҳрезӣ гардид ва ба сӯи ҳадафҳои бузурги умумимиллӣ – сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ қадами нахустин гузошта шуд.*

**Эмомалӣ РАҲМОН**

# Аз Қасри Арбоб то Қасри миллат





## Интихобе, ки фардои дурахшонро таъмин намуд

**Дар арафаи ҷашну маросимҳои аз лиҳози моҳият арзанда дар воситаҳои ахбори омма бо ашхосе, ки дар ин раванд иштироки бевосита ва саҳми арзанда доштанд, суҳбатҳо доир мегардад. Ба ҳукми анъана даромадани ин падида бесабаб нест, зеро маҳз ҳамин шахсон метавонанд ҳадаф ва моҳияти рӯйдоди мавриди назарро бозгӯйӣ ва аҳли ҷомеаро ба дурустии ин иқдом муътақид созанд. Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи воқеоти барои мардуми кишвар сарнавиштсоз махсуб ёфта, нақши он дар бунёди давлатдории навини тоҷикон арзандаи арҷгузорист. Дар арафаи ҷашни 20- солагии ин рӯйдоди муҳими таърихӣ бо иштирокчии он, ходими намоёни давлатӣ Гулафзо Савриддинова суҳбате доир намудем.**



**-Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии ҷумҳуриро коршиносон барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сокинони он сарнавиштсоз арзёбӣ намудаанд. Назари шумо ба ин баҳодиҳӣ чӣ гуна аст?**

- Ман низ ба ин андеша комилан ҳамфикрам, зеро ин Иҷлосияи таърихӣ замоне доир гардид, ки барои давлат ва миллати тоҷик замони хеле ҳассос ва пурмоҷаро маҳсуб меёфт. Агар дар ҳамин айём Иҷлосияи фавқуззикр баргузор намешуд, ба гумон буд, ки имрӯз дар фазои сулҳу оромӣ кор ва зиндагӣ кунем. Иҷлосияи мазкур таҳаввулоти амиқи сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиро дар ҳаёти ҷамъиятии мамлакат ба вуҷуд овард. Ин Иҷлосияи таърихӣ бисёр вазифаҳоеро, ки ба ваколати давлат марбут буданду вале он давра ба ихтиёри гурӯҳҳои ифротгаро гузаштанд, аз нав ба уҳдаи Давлат баргардонид. Ҳама шоҳид будем, ки то баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии мамлакат тамоми рукнҳои давлатдорӣ фалаҷ гардида буд. Маҳз ин рӯйдоди муҳими таърихӣ барои бартараф намудани ҳама гуна хатарҳои марбут ба фалаҷшавии ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ ва минбаъд татбиқ намудани идораи сиёсии ҳокимияти конститутсионӣ дар тамоми қаламрави кишвар заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ фароҳам овард. Аз ҷониби дигар, ба туфайли қарор ва санадҳои дар ин Иҷлосия қабулгашта дар мамлакат омилҳое ба вуҷуд омаданд, ки ба рушди бахшҳои гуногуни ҷомеа такони ҷиддӣ гардиданд. Пӯшида нест, ки он замон дар кишвар гурӯҳҳои тундраве мавҷуд буданд, ки ба идома ёфтану доман паҳн намудани нооромиҳо ҳавасманд буданд ва бо истифода аз роҳу усулҳои гуногун мехостанд ин куҳандиёрро ба пойгоҳи амалиёти ғайриқонуниашон табдил диҳанд. Хушбахтона, баргузории Иҷлосияи XVI ин нақшаҳои онҳоро барбод дод.

**-Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар симои вакили мардумӣ Эмомалӣ Раҳмон роҳбари сиёсиеро рӯйи кор овард, ки минбаъд давлатдории муосири тоҷикон ба номи ин абармард робитаи ногусастанӣ дорад. Мехостам аз шумо пурсон шавам, ки тасмими вакилони мардумӣ бобати ба маснади Раиси Шӯрои Олии ҷумҳурӣ интихоб намудани Эмомалӣ Раҳмон аз кадом омилҳо маншаъ мегирифт?**

- Ягона омили вакилони мардумиро ба ин иқдом таҳрикдиҳанда ташаббускор ва масъулиятшинос будани Эмомалӣ Раҳмон ба сифати вакил маҳсуб меёфт. Банда ин суханонро бо дарки масъулият мегӯям, зеро мо он замон бо номбурда ба як кумита –Кумитаи Шӯрои Олӣ оид ба корҳои байналхалқӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот, ки сарвариашро Раҳмонқул Атоев ба зимма дошт, шомил будем. Маҳз ҳамон замон ман мушоҳида менамудам, ки пешниҳодоти Эмомалӣ Раҳмон бештар ба масоили аз байн бурдани маҳалгаройӣ ва ба Тоҷикистони воҳид табдил додани кишвари азизамон, ки он замон ба чанд порча тақсим гашта буд, рабт доштанд. Фаъолияти минбаъдаи номбурда ба ҳайси Роҳбари давлат собит намуд, ки ӯ ба андешаҳояш содиқ мондааст ва ҳамаи онҳоро дар амал татбиқ намуд. Дар муддати кӯтоҳ тахти сарварии ин фарзанди фарзонаи миллати тоҷик иншооти зиёди азиме мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд, ки онҳоро ҳамватанони мо садсолаҳо интизор буданд. Бо мақсади аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани мамлакат иқдомоти зиёде амалӣ гардид ва имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як кишвари воҳид табдил ёфт. Дар ҳамин радиф, корҳои зиёди бунёдкорӣ дар самти таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва амнияти озуқаворӣ кишвар низ амалӣ мешаванд ва он рӯз дур нест, ки ин ҳадафҳои неку ҷомаи амал пӯшанд. Омили муҳими дигар, ин вакилони мардумиро муътақид карда тавонистани Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб меёфт, зеро дар он давраи хеле ҳассос моил намудани вакилони мардумӣ ба тасмими ягона кори саҳлу осон набуд. Маҳз ба Эмомалӣ Раҳмон муяссар гардид, ки вакилони мардумиро, сарфи назар аз мансубияти ҳизбиашон, ба сулҳу ваҳдат моил намояд. Дар заминаи ин иқдом минбаъд мардуми шарифи мамлакат ба сулҳу ваҳдати миллӣ дастёб шуданд.



*Вакили мардумӣ Г. Савриддинова дар ҷараёни Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ ба хабарнигор мусоҳиба дода истодааст.*

**-Шумо баъд аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаҳои гуногун, шуруъ аз раиси шаҳри Исфара то муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият доштед. Барои хонандагони рӯзнома ҷолиб аст, ки бидонанд, айни замон Гулафзо Савриддинова чӣ машғулият дорад?**

- Айни замон нафақахӯр мебошам. Вале, ин ба ҳеҷ ваҷҳ маънои дар канор мондан аз саҳмгузорӣ дар рушди ҷомеаро надорад, зеро банда дар баробари узви Шӯрои нозирони ҶСК «Агроинвестбонк» будан, ҳамчунин Ташкилоти ҷамъиятиеро бо номи «Иттиҳоди собиқ аъзои парламенти Тоҷикистон» таъсис додаам. Ҳадафи ташкилоти мазкур сарҷамъ намудани собиқ вакилони мақоми олии қонунгузори мамлакат ва истифодаи неруи зеҳнии онҳо дар бахшҳои гуногуни ҷомеа маҳсуб меёбад. Аз он ифтихор дорам, ки дар ҳама ҷашну маросимҳо бандаро даъват менамоянд ва бо истифода аз ин фурсати муносиб барои чунин қадрдонӣ арзи сипос менамоям. Ин ҳама маро водор менамояд, ки дар доираи имконоти худ дар рушди ҷомеа саҳмгузор бошам.

***Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»***

## Иҷлосияи Хуҷанди бостонӣ садди парешонии миллат шуд,

### - мегӯяд раиси ноҳияи Фархор Қурбонбой Каримов

**- Муҳтарам раис, кишварамон дар остонаи 20-умин солгарди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Хуб мешуд, ки андешаҳои хешро дар хусуси ин Иҷлосияи таърихӣ манзури хонандагони рӯзнома менамудед.**

- Андешаи ман оиди ин Иҷлосияи таърихӣ мисли андешаи тамоми сокинони кишвари азизамон аст. Ҳама, аз хурд то бузург, хуб медонем, ки агар Иҷлосияи Хуҷанди бостонӣ даъват намегардид, аниқ миллати дар ҳоли парешонию ҷаҳолат қароргирифтаамонро боз ҳамон қисмати талху сахти таърих дигарбора насиб мешуд.Ба таъбири устоди равоншод Лоиқ, дар он рӯзҳои ҳассоси тақдирсоз ва мудҳиш «раҳми Парвардигори мо омад» ва фарзанди сарсупурдаеро дар симои Эмомалӣ Раҳмон бар сари миллат соябон карду хатари парокандагӣ рафъ гардид ва яъсу ноумедӣ аз дилҳо зудуда гашт. Сад шукр, ки бо қудуми неки ин ҷавонмарди равшанзамир, таърихи талхи ҳазорсолаи миллат дигар насибамон нагардид. Мо лаҳзаи аз ҷониби Сарвари тозаинтихоби миллат бӯсидану ба рӯйи дида молидани парчами тозақабули давлатамонро фаромӯш нахоҳем кард.

Он рӯзҳову солҳои наҳси миллаткуш моро ҳар лаҳза сабақу ҳушдор медиҳад, ки аз таҳаввулоту муносибатҳо ва омилҳои замони нав беш аз пеш бохабартар бошему зиракию ҳушёриро ба худ касб намоем.



**- Оиди рушди худшиносии миллӣ чӣ тадбиру чораҳо амалӣ карда мешаванд?**

- Дар давоми ду сол охир рӯйи чоп омадани 5-6 номгӯйи китобҳои пурарзиш оид ба таърихи гузаштаву имрӯзаи Фархори бостонӣ худ шаҳодати равшани ҳамин гуфтаҳост. Метавон гуфт, ки аз ин пас ин китобҳо оинаи гӯёи ноҳия маҳсуб ёфта, пайвандгари гузаштаи дур ва имрӯзи он хоҳад гашт.

Мо вазифаи аввалиндараҷаи худро дар он мебинем, ки мардумро бо ҳар роҳу васила ба ин сарчашмаи дониш-китоб наздик намоем. Вобаста ба ин ва ё он санаҳои таърихӣ, иду рӯзҳои махсус чорабиниҳои сиёсию фарҳангӣ гузаронида мешаванд. Бешак, таъсири ин силсила чорабиниҳо дар афзун намудани сатҳи худшиносию худогоҳии мардум, бахусус насли ҷавон, аҳамият ва таъсири беандоза доранд. Соли равон дар назди шуъбаи маориф ҳафтаномаи «Минбари омӯзгор» рӯйи кор омад. Теъдоди обуна барои соли 2013 ба нашрияи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия- рӯзномаи «Гулистон» бошад, ба 3100 нусха расид. Мо дар майдони марказӣ, муҷассамаи асосгузори давлати тоҷикон - шоҳ Исмоили Сомониро гузоштем, ки ҳамарӯза меҳмонону сокинони худи ноҳия ба майдони мазкур омада, муҷассамаи «Девори Бухоро»-ро зиёрат мекунанд. Ҳамаи он чорабиниҳое, ки дар ноҳия гузаронида шуда истодаанд, ба хотири истиқболи шоистаи Иҷлосияи таърихӣ мебошад.

**- Маълум, ки дар самти худшиносии мардум тадбирҳои зиёде амалӣ шудаанд, вале бе пешрафти иқтисодиёт ин ҳама чандон назаррас нахоҳад буд. Вазъият дар ин самт дар ноҳия чӣ гуна аст?**

- Иқтисодиёти Фархорро зироаткорӣ ва дар навбати аввал пахтакорӣ ташкил менамояд. Имсол пахтакорони ноҳия дар майдони 10660 гектар замин кишти тухми пунбадона гузарониданд. Маҳз андешидани тадбирҳои зиёди фаровонҳосилӣ буд, ки пахтакорони ноҳия дар вилояту ҷумҳурӣ яке аз аввалинҳо шуда, аз иҷрои нақшаи дурнамо мужда расониданд. Ҳосили то имрӯз ҷамъовардаи пахтакорони ноҳия 21700 тоннаро дар бар мегирад. Дар ҳамаи самтҳои соҳаи кишоварзӣ нишондиҳандаҳо хурсандибахшанд. Кишоварзони мо дар ин соли ҷашнӣ ба миқдори 42972 тонна ғалладонагиҳо, 16597 тонна картошка, 15731 тонна полезиҳо, 1751тонна ангур, 3253 тонна мевагиҳо ва 28642 тонна сабзавот ба даст оварданд, ки ин рақамҳо дар нисбати солҳои қаблӣ хеле зиёд мебошанд. Ҳоло бошад, ҷамъоварии ҳосили кишти такрорӣ- шолӣ босуръат ва сифати баланд идома дорад.

Мо ба истиқболи сазовори ин Иҷлосияи таърихӣ дар мавзеи Уртабуз, бо истифода аз қувва ва имкониятҳои молии ташкилоту муассисаҳо, дар майдони 20 гектар замин боғ бунёд карда, онро «Боғи миллӣ» номгузорӣ намудем. Вобаста ба ин мавзуъ таъкид карданиам, ки тӯли се соли охир мувофиқи нақшаву дастурҳои Ҳукумати кишвар дар ҳудуди ноҳия 800 гектар боғҳои содиротӣ бунёд карда шуд. Ҳоло кори нигоҳубин ва вазъи нашъунамои ин боғҳо дар ҳолати ниҳоят хуб қарор доранд.

**- Ояндаи ҷомеаро бидуни тарбияи дурусти насли наврас тасаввур кардан маҳол аст. Кормандони соҳаи маориф дар таълиму тарбияи хонандагон ба чӣ гуна пешравиҳо ноил гардидаанд?**

- Давоми ду соли охир дар ҳудуди ноҳия дари се мактаби ҳозиразамонро, аз қабили литсею гимназияҳо, ба рӯйи толибилмонамон боз намудем ва дар маҷмуъ шумораи онҳо ба чор адад расонида шуд. Маълум аст, ки бидуни таъсиси таълимгоҳҳои ҳозиразамон ва аз худ намудани илмҳои замонавӣ рушди ҷомеа ва ояндаи босуботи онро тасаввур кардан маҳол аст. Ҳамчунин нақшаи компютеркунонии мактабҳоро ба 97,3 фоиз расонидем. Ҳоло шумораи компютерҳо дар мактабҳои ноҳия 908 ададро ташкил медиҳанд, ки барои 15 нафар хонандагони ноҳия як адад компютер рост меояд.

Натиҷаи донишазхудкунии хонандагонамон низ чандон бад нест. Онҳо дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ фаъолона иштирок карда, соҳиби ҳафт медал, аз ҷумла як тилло, як нуқра ва панҷ биринҷӣ гардиданд.

Ибтидои соли равон дар хусуси таърихи маорифи ноҳия таҳти унвони «Гаҳвораи маърифат» китоби Бурҳониддини Усмон ба нашр расид. Муаллиф дар китоби хеш аз фаъолияти зиндагӣ ва меҳнатии он маорифчиёне ёдовар шудааст, ки тӯли 80 соли мавҷудияти ноҳия дар ин соҳаи муҳим меҳнати пурсамар доштанд.

Ба наздикӣ дар назди шуъбаи маориф ансамбли тарона ва рақси «Маърифат» ба фаъолият шуруъ намуд.

Аз фурсати муносиб истифода бурда, тавассути рӯзномаи «Садои мардум» ба ашхоси ҳимматбаланду саховатпеша, ба амсоли бародарон Муҳиддиновҳо, арзи сипосу миннатдорӣ менамоям, ки дар дастгирии соҳаи маориф пайваста саҳм мегузоранд. Бародарон Муҳиддиновҳо дар соли хониши нав сохтмони бинои нимсохти мактаби рақами 6-ро бо харҷи 1,5 миллион доллари амрикоӣ пурра ба анҷом расонида, онро бо муҳайё намудани тамоми анҷому ашёи таълимӣ ба ихтиёри хонандагони мактаб вогузор карданд.

**- Дар оянда чӣ нақшаҳо доред?**

- Нақшаҳоямон дар баробари орзуҳои некамон хеле зиёданд. Аллакай мо ба амалӣ намудани бархе аз онҳо шуруъ намудаем. Ин ҷо ман дар назар дорам таҷдиду азнавбарқароркунии боғи фарҳангӣ- истироҳатии шаҳрак ва варзишгоҳи онро. Бо шукргузории дучанд арз карданиам, ки амалӣ намудани ин нақшаҳо, қабл аз ҳама бо дастгирию маблағгузории Ҳукумати кишвар, бахусус Сарвари мушфиқу ғамхори он муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бомуваффақият оғоз гаштааст. Боварӣ дорам, ки иҷрои корҳои барқароркунӣ дар ин сохтмонҳо, ки ҳудуди 18 миллион сомониро ташкил менамояд, дар муҳлати муқарраргардида ва бо сифати баланд ба анҷом мерасад.

Баъдан ният дорем, ки дар як гӯшаи муносиби шаҳрак рамзи Нишону Парчами Тоҷикистони азизро бо шаҳомати махсуси назаррас бунёд карда, симои Фархори бостониро ба шаҳраки замонавӣ наздик намоем.

***Мусоҳиб Темуршоҳи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»***

## ИҶЛОСИЯ дар масири таърих

***

*7 феврали соли 2009 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи вокуниши шахсони мансабдор ба маводҳои танқидӣ ва таҳлилии воситаҳои ахбори омма» интишор гардид.*

***

*26 феврали соли 2009 дар Маҷмааи давлатии «Кохи Ваҳдат»-и шаҳри Душанбе Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Мероси Имоми Аъзам ва фарҳанги миллӣ» баргузор шуд. Дар он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мавзуи «Моҳияти таҳаммулпазирии мазҳаби Имоми Аъзам ва вазъи дин дар кишвар» маърӯза кард.*

***

*6 марти соли 2009 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи рӯзи Модар» ба тасвиб расид. Тибқи ин фармон минбаъд ҳар сол 8 март чун Рӯзи модар таҷлил мешавад.*

***

*19 марти соли 2009 сохтмони роҳи оҳани Душанбе-Қӯрғонтеппа оғоз ва дар шаҳри Ваҳдат Маркази ҷумҳуриявии барқарорсозии саломатии кӯдакон ба истифода дода шуд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ин маросимҳо иштирок ва суханронӣ намуд.*

***

*8 апрели соли 2009 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои хизматҳои шоёнаш дар рушди варзиши кишвар бо ордени Шӯрои олимпии Осиё сарфароз гардонида шуд. Ордени Шӯрои олимпии Осиёро Президенти Шӯрои олимпии Осиё шайх Аҳмад ас-Сабоҳ ал Фаҳд тақдим намуд.*

***

*30 июли соли 2009 дар шаҳри Душанбе бори нахуст дар таърихи муносибатҳои давлатҳои Тоҷикистон, Афғонистон, Покистон ва Федератсияи Россия мулоқоти чорҷонибаи сарони ин кишварҳо баргузор шуд.*

***

*31 июли соли 2009 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Федератсияи Россия Дмитрий Медведев маросими ба истифодаи пурра супурдани Неругоҳи барқи обии «Сангтӯда-1» доир гардид.*

***

*30 августи соли 2009 нақби Шар-Шар ба истифода дода шуд ва азнавсозии роҳи мошингарди Душанбе-Ваҳдат-Данғара оғоз ёфт.*

***

*30 сентябри соли 2009 дар Тоҷикистон зодрӯзи шоир ва мутафаккири барҷастаи тоҷику форс Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ таҷлил гардид.*

***

*1 октябри соли 2009 дар Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид.*

***

*4 октябри соли 2009 дар шаҳри Душанбе маросими оғози сохтмони бузургтарин масҷиди ҷомеъ, ки мувофиқи лоиҳа дар дохил, долонҳо ва атрофи он дар як вақт то 150 ҳазор нафар мусулмонон метавонанд намоз гузоранд, доир гардид.*

***

*4 октябри соли 2009 дар деҳаи Тудаи ноҳияи Ҳисор масҷиди ҷомеъ, ки барои беш аз 10 ҳазор намозгузорон дар як вақт пешбинӣ шудааст, ба истифода дода шуд.*

***

*5 октябри соли 2009 дар шаҳри Душанбе Симпозиуми байналмилалӣ дар мавзуи «Имоми Аъзам ва ҷаҳони муосир» бо суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оғоз гардид. Дар ин чорабинӣ қариб аз 50 кишвари сайёра олимону донишмандони намоёни олами ислом ва чеҳраҳои шинохтаи илму фарҳанги ҷаҳон иштирок намуданд.*

***

*15 марти соли 2010 сохтмони нақби мошингарди «Чормағзак» оғоз ёфт, ки дар маросими ифтитоҳи он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон суханронӣ намуд.*

***

*1 июли соли 2010 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи Михаил Ломоносов дар шаҳри Душанбе ифтитоҳ ёфт.*

***Таҳияи Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»***

